# *Дастур оид ба такмилдиҳии Муошират дар барномаҳои ОАХМ*

Маркази байналмилалии Женева оид ба безарарсозии башардӯстонаи минаҳо (МБЖББМ — ба заб. англ. GICHD) саъю кӯшиши ҷомеаи ҷаҳониро дар самти коҳишдиҳии хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида дастгирӣ менамояд. Марказ кӯмакҳои амалиётиро пешкаш менамояд, тадқиқотҳо бурда, дар татбиққунии Конвенсияи манъи минаҳои зидди инфиродӣ мусоидат менамояд.

Маркази байналмилалии Женева оид ба
безарарсозии башардӯстонаи минаҳо
7bis, avenue de la Paix
P.O. Box 1300 CH-1211 Женева 1
Шветсария
Tel. (41 22)906 16 60
Fax (41 22)906 16 90
www. gichd.ch
info@ gichd.ch
Дастур оид ба такмилдиҳии муошират дар барномаҳои ОАХМ, МБЖББМ ,

Женева, марти соли 2004.
Ин лоиҳаро Эрик Филипино, сардори бахши иҷтимоӣ-иктисодӣ таҳия намудааст (e.filippino@ gichd .ch).
ISBN 2-88487-022-9

© Маркази байналмилалии Женева оид ба безарарсозии башардӯстонаи минаҳо

Фикру ақидаҳои дар ин нашрия баён гардида ба Маркази байналмилалии Женева оид ба безарарсозии башардӯстонаиминаҳо мансубанд. Аломатҳо ва маводҳои дар ин нашрия истифодашуда, ба ғайр аз нуқтаи назари Маркази байналмилалии Женева оид ба безарарсозии башардӯстонаи минаҳо дар нисбати дилхоҳ кишвар, қаламрав ва ё минтақа, ва ё мақомоти вай ё гурӯҳҳои силоҳнок, ва ё дар нисбати сарҳадот, ақидаи ягон ҷонибро баён намекунад.

## Мундарича


1. Сарсухан 1
   - Заруряти ин Дастур 1
   - Машиавеллиро ба хотир оваред 2
   - Дастур барои кӣ аст ? 3
   - СБАМ 5

2. Муоширати самаранок: Асосҳои он 7
   - Мо чӣ гуна муошират мекунем ? 7
   - ОАХМ ба кӣ бояд равона карда шавад? 8
   - Чараёни қабули рафтори нав 8
   - Муқадимаи стратегияи муошират 9

3. Ба роҳ мондани мақсадҳои муошират 11
   - Таъсис диҳед, он чӣ зарур аст 11
   - Гурӯҳи аввалини мақсаднокро муайян кунед 11

4. Иттилооти зарурӣ барои ба барномадарории муошират 13
   - Шарҳи умумӣ 13
   - Ягон корро накун, он чо ист! 13
   - Чӣ тавр иттилооти заруриро чамъ кардан зарур аст 16
   - Таҳлили иттилоот 17

5. Ба нақшадарории пайғом 19
   - Принсипҳои зарурӣ 19
   - Тайёр кардани пайғом 20
   - Санчиши ибтидоии пайғом ва маводҳо 20

6. Интихоби усулҳо 23
   - Муошрати байнишахсӣ 24
   - " ВАОи хурд " 24
   - ВАОи анъанавӣ 25
   - ВАО 26

7. Воридкунонии ВАО 29
   - Кор бо рӯзноманигорон 30
   - Қисмҳои нави мушкилоти минаҳо 30
   - Барҳам додани тарси муошрати "дар нақша набуда" 32
   - Чӣ тавр сӯҳбатгари хуб будан мумкин аст 32
   - Бартарии ташвиқот 33

8. Муошират, ба пеш ! 35
Дилпур бош, ки ҳама кор хуб аст 35
Бинобар ҳамин, муошират, ба пеш 37

Замимаҳо 39
Замимаи 1. Тадқиқоти КАРВ 41
Замимаи 2. Дастурҳо барои баҳс 45
Замимаи 3. Сарчашмаҳои интихобӣ 51
Замимаи 4. Иқтибосҳо аз СМАМ 53

Ин дастур дар асоси китобчаи «Муоширати такмилдодашуда дар барномаҳои огаҳонӣ аз минаҳо; Дастури оперативӣ» тағйироту иловаҳо дароварда шудааст, ки муалифон Чэк Глэтбах ва Франсуа Чафрӣ мебошанд».

Калимаҳои ихтисоршуда дар ҳуҷҷат

МАЗМ — Маркази амалиёти зидди минаҳо

АЗМ — Барномаҳои амалиёти зидди минаҳо

СБАМ — Стандартҳои байналмилалии амалиёти зидди минаҳо

ВАО — Воситаҳои ахбори омма

КАРВ — Усули тадқиқотӣ: Дониш, Муносибат, Таҷриба, Боварӣ

## 1. Сарсухан

Зарурияти ин Дастур

Минаҳои заминӣ ва муҳимоти нотаркида  (бомбачаҳои истифодашуда, снарядҳо ва гранатаҳое, ки тибқи нақшаашон натаркиданд, ҳамчунин машҳур бо мафҳуми “маводҳои нотаркида”) ба ҳаёти аҳолии деҳоти даҳҳо кишвари олам  таҳдидкуниро идома медиҳанд. Кишварҳои зерини олам аз ҳама минтақаҳои зери хатари мина қарор дошта ҳисоб мешаванд: Афғонистон, Ангола, Озорбойҷон, Босния ва Ҳерсеговина, Камбоҷа, Колумбия, Эритрия, Эфиопия, Ироқ, Лаос, Лубнон, Руссия (Чеченистон), Шриланка ва Ветнам.

Ҳар сол ба барномаҳои амалиёти зидди минаҳо (минбаъд мухтасар АЗМ номида мешавад —  барномаҳое, ки хатари мина ва муҳимоти нотаркидаро ба шаҳрвандон коҳиш медиҳанд) зиёда аз US$ 250 миллион сарф мешавад ва ҳазорон кормандон ба ин фаъолиятҳо ҷалб мегарданд. Ҳоло душвор аст ягон фаъолияти башардӯстонаи байналмилалӣ ва ё фаъолиятҳо рушдро ёфт, ки ҳаҷми мушкилоташ чунин бузург буда, ба ҳалли он чунин захираҳои кам ҷудо шуда бошад ва ё ба фаъолиятҳои он нокифоя диққат дода шавад, махсусан ба вазифаи муҳими ҳар як фаъолияти рушд, яъне ба *тағйирдиҳии рафтори одамон* — ки дар натиҷа ба рафтори аз мина бехавф ноил гаштан мумкин аст.

Дар солҳои 1990-ўм ҷидду ҷаҳди зиёд дар самти огоҳонии аҳолӣ сурат гирифт ва дар натиҷа чорабиниҳои глобалӣ шурӯъ гардида, ба манъи минаҳои зидди инфиродӣ оварда расонид. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо соли 1997 Конвенсияи манъи минаҳои зидди инфиродӣ қабул карда шуд  (ҳамчунин машҳур бо мафҳуми «Конвенсияи Оттава») ва инчунин дар сохторҳои байналмилалӣ ва механизмҳои амалиёти зидди минаҳо дастовардҳои назаррас ба даст оварда шуд.

Лекин дар минтақаҳо, дар сатҳи лоиҳаҳо, огоҳонидан ҳоло ҳам қисмати сусти безарарсозӣ ва нобудсозии минаҳо ба ҳисоб меравад. Дар хело кам барномаҳои амалиёти зидди минаҳо  кормандони огаҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳо ба шакли пурра мавҷуданд ва ё дар нақшаҳои кориашон қисматҳои алоқаманд мавҷуд ҳастанд. Одатан кормандон ашхоси низомӣ ва ё кормандони самти рушд буда, дорои малакаи хуби техникӣ мебошанд, вале дар самти огоҳонӣ таҷрибаи нокифоя доранд.

Ин суханҳо махсусан ба он кишварҳое, ки захираҳояшон дар бахши амалиёти зидди минаҳо ниҳоят каманд ва эҳтиёҷоташон хеле зиёд аст, дуруст мебошанд. Масалан, фаъолиятҳои самараноки  огоҳонӣ дар барномаҳои дарозмуддат ва ба шакли хуб маблағҷудошудаи Косово ва Камбоҷа мисол шуда метавонанд.

### Дастур оид ба такмилиҳии муошират дар барномаҳои огаҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳо  (ОАХМ)

Асосан дар ин самт такя ба плакат ва  брошураҳо карда мешуд. Ин усул мӯҳлати дароз надорад ва асосан аз матн вобаста аст (ва аз ин рӯ дар манотиқи саводнокиашон

паст буда ва забонҳои гуногун мавҷудбуда номувофиқ мебошад) ва тавассути фарҳангҳо бо осонӣ фаҳмида намешавад. Дар манотиқе, ки дастрасии радио ба мушкилот мувоҷеҳ аст, якчанд барномаҳои радиоӣ ташкил карда шуданд. Ба ашхоси камсавод/бесавод ва ё ба дигар забон /лаҳҷа гапзананда маводҳои навишташуда ирсол карда шуданд. Ҳамчунин ба аҳолии марказҳои калони аҳолинишин, ки аз мина ва муҳимоти нотаркида зарар наёфтаанд, намоишҳои зиёди видеоӣ ва телевизионӣ пешкаш карда мешуданд.

Бинобар ин сабаб, ин дастур ба принсипҳое асос ёфтаанд, ки огоҳонӣ на танҳо самаранокии ОАХМ-ро, балки инчунин тамоми амалиёти зидди минаҳоро таҳким медиҳад. Ин нуктаҳо дар Дастури амалиётии **Такмили муоширaт дар барномаҳои огаҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳо (ОАХМ)**, муаллифон Ҷэк Глатбах, Франсуа Ҷафри ва Памела Томас, нашри соли 2001 таҷдид гардида, иловаҳо ворид карда шуданд. Ин ҳуҷҷат иловаҳои стандартҳои байналмилалӣ оид ба ОАХМ-ро дар чорчӯбаи СМАМ, ки аз ҷониби СММ нашр гардидааст, низ дар бар мегирад.

Лекин бинобар мавҷудияти чандин миллион мина ва муҳимоти нотаркида дар олам, ҳатто фаъолиятҳои хеле дақиқи (ва хатарноки) безарарсозӣ чандин сол тӯл мекашанд. Илова бар ин, мавзӯи офиятбахшии маҷрӯҳон ва ғамхорӣ дар нисбати маҷрӯҳони минаҳо ва оилаҳои онҳо, дигаргунӣ даровардан дар бахшҳои кишоварзӣ ва иқтисодиёти маҳал, ҳавасмандкунии сокинони деҳот барои дӯстона зиндагӣ кардан ва ғайраҳо чандин наслҳоро дар бар мегирад. Ба ин кӯшишҳои бештар фаъоле лозиманд, ки амалиёти зидди минаҳоро дар чорчӯбаи васеътари фаъолиятҳои кӯмак ва рушд фаро гиранд.

## Машиавеллиро ба хотир оваред

Вақте ки мо ба хулосае омадем, ки амалиёти зидди минаҳо ин қисми фаъолиятҳои ҳамаҷабҳаи рушд мебошад, огоҳонӣ низ, чун қисми зарурӣ, на ҳатмӣ, бояд ба назар гирифта шавад.

Якчанд аср пеш, Машиавелли гуфта буд:

"Дар дунё нест коре вазнинтар барои иҷро намудан, шӯбҳаноктар оид ба муваффақияташ, хатарноктар барои аз ӯҳдааш баромадан, назар ба тартиби нав ҷорӣ кардан. Одамон, то он вақте ки худашон таҷрибаи ҳақиқиро аз сар нагузаронанд, ба муваффақияти он бовар намекунанд".

Ба ин суханони ҳикматомез нигоҳ накарда, фақат дар солҳои ахир буд, ки барномаҳои рушд пурра қисматҳои самараноки муоширатро қабул намуданд. Дастовардҳои " "чудо рис" дар Осиё, маъракаи эмкунӣ, печҳои сарфакунандаи сӯзишворӣ ва боз чандин чизҳои дигар натиҷаи ҳам муоширaт ва ҳам технологияи такмилёфта мебошанд. Тадқиқотҳои қарибулвуқӯъ нишон додаанд, ки муошират бояд чун эҳтиёҷот шавад. Агар ашхоси алоҳида аз муошират маҳрум гарданд, ин ба монанди он аст, ки онҳо аз хӯрока маҳрум шуданд. Муҳим аст эътироф кунем, ки муошираte, ки мо дар борааш сухан меронем, фаъолияти инсонӣ аст. Вай комил ва расмӣ нест.

Вай калимоти содаро истифода мебарад, лекин вай ҳамчунин бисёр мураккаб ҳаст. Тассавур намоед, ки шумо чи тавр бо гуфтугӯятон, бо калимаҳо ва тоне, ки истифода мебаред, бо нигоҳатон, бо пайғоматон ва бо либосатон ба дигарон таъсир расонда метавонед. Ҳамчунин дар бораи он тассавур кунед, ки шумо чи тавр баъзе аз рафторатонро тағйир додед, масалан, сигоркаширо қатъ кардед, коратонро иваз намудед, маҳсулоти навро истифода бурдед. Имкониятҳое, ки шумо шояд бори аввал аз усулҳо дар бораи нақшаҳоятон хонда будед, алакай баъди сӯҳбат бо дӯстатон ё шахси наздикатон рафторатонро иваз намудед.

Ҳамин тавр, биёед маҳфуми муоширатро дар бахши огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина дида бароем.

Муошират ин ҷараёни табодули иттилоот аст. Мо муоширатро истифода мебарем, то ки ба одамон иттилоотро оиди хатари минаҳо ва муҳимоти нотаркида расонем, рафтори бехатар ва малакаҳои аз минаҳо озодро нишон диҳем ва омӯзонем. Мо инро дар ташвиққунии рафтори бехавф ва ташкил кардани муҳити аз минаҳо бехавф дар байни ҷомеа ва роҳбарон истифода бурда метавонем. Мо ҳамчунин онро барои таъсиси муҳити иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ОАХМ мусоидат менамоянд, истифода мебарем.

Огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ин мафҳумест, ки ташабусҳоеро шарҳ медиҳад, ки он роҳҳои пешгирии ҳалокшавӣ ва маҷрӯҳгардӣ аз минаҳо / муҳимоти нотаркидаро тавассути тарғиб намудани рафтори бехавф ба воситаи *иттилоот, омӯзиш, муошират ва тамос бо ҷомеа* меҷӯяд. Бинобар ин сабаб, ин маҳфум назар ба "танҳо огаҳонӣ" хеле маънои васеъро мефаҳмонад. Огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина (ОАХМ) яке аз қисматҳои васеи амалиёти зидди минаҳо буда, дар паст кардани таъсири минаҳо / муҳимоти нотаркида мусоидат менамояд.

Вақте ки ин фаъолиятҳо самаранок истифода бурда мешаванд, огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина метавонад деҳотро тақвият диҳад, хатари ҳалокшавӣ ва ҷароҳатгирӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои таркиши минаҳоро кам кунад ва дар фаъолиятҳои безарарсозии минаҳо, нишонгузорӣ ва дигар амалиёти зидди минаҳо мусоидат намояд. Барои иҷрои ин амалҳо, огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина бояд ҳам аз нуқтаи назари муҳтавои иттилоот ва ҳам аз нуқтаи назари аҳолӣ дуруст ба нақша гирифта шавад. Ин дар амал на ҳама вақт рух медиҳад.

**Ин Дастур барои ки таҳия гардидааст ?**

Мақсади ин Дастур таъмин намудани масъулони огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ва Марказҳои амалиёти зидди минаҳо бо машваратҳои ғайрирасмӣ, вале амалӣ оиди такмилдиҳии муошират дар барномаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо мебошад.

**Менеҷерони барномаҳои ОАХМ** бевосита масъуланд, то таъмин намоянд, ки тамоми қисматҳои дохилӣ ва берунии муошират дар нақшаи стратегии барнома таҷассум гарданд. Ин аз аввали барнома диққати аввалиндараҷа ва буҷети

мувофиқро талаб менамояд (гарчанде ки мутахассис оиди муошират барои мӯҳлати доимӣ зарур нест). Менеҷери барнома ҳамчунин барои эдвокаси бо роҳбарони сиёсӣ ва динӣ ва амалӣ намудани тамоси мунтазам бо ВАО масъул мебошад.

**Менеҷерони барномаҳои ОАХМ бояд дарк намоянд, ки масъулияти онҳо барои муошират мисли масъулият бар амалиёт, молия ва кормандон муҳим аст.**

**Марказҳои амалиёти зидди минаҳо (МАЗМ)** бояд, ҳадди ақал, таъмин намоянд, ки усули пайғом ва муошират ҳам дар дохили марказ ва ҳам дар байни дигар ташкилотҳои дар самти огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ва ё безарарсозии минаҳо фаъолияткунанда ҳамоҳанг сохта шаванд. МАЗМҳо ҳамчунин метавонанд арзёбии эхтиёҷоти умумикишвариро оид ба ОАХМ гузаронанд ва ё супориш диҳанд. Агар МАЗМ мутахассис оиди муошират дошта бошад, ин мутахассис барои фоидаи тамоми шарикони ОАХМ бояд истифода бурда шавад. Мисли Менеҷери барнома, МАЗМ бояд дар тамоси мунтазам бо мақомоти миллӣ ва маҳалӣ ва шарикони самтҳои амалиёти зидди минаҳо (АЗМ) ва рушд бошад.

Лекин барномаи огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ин на танхо масъулияти Менеҷери барнома ва ё МАЗМ аст. Барои таъсири ҳақиқӣ, сардорони ҳукуматӣ ва маҳалӣ ва ВАО низ бояд ҷалб гарданд ва ташвиқ када шаванд, ки масъулияти фаъолиятҳои ба онҳо мувофиқро ба ӯҳда гиранд.

**Ҳукуматҳо:** Чи тавре ки барномаҳои HIV/AIDS ва дигар барномаҳо нишон додаанд, Ҳукуматҳо ва масъулони онҳо дар тағйири рафтори бомуваффақона нақши муҳим мебозанд. Агар мақомотҳои ҳукуматҳо рағбат надошта бошанд ва ё ҷалб нагарданд, он гоҳ мақомотҳои маҳалӣ аз ин ибрат мегиранд.

**Роҳбарони маҳалӣ:** мақомотҳои маҳалӣ, роҳбарони динӣ ва деҳа рафтори аз мина бехавфро тавассути ташвиқ намудани деҳаҳо ва таъсиси сиёсатҳо ва тартиботи маҳалӣ метавонанд дастгирӣ намоянд. МАЗМҳо бояд муносиботи кории хубро бо роҳбарони маҳалӣ ба роҳ монанд ва онҳоро дар муҳокимаҳо ва ба нақшагирӣ ҷалб намоянд ва дар фаъолиятҳои ОАХМ дастгирӣ намоянд.

**Ҷамоатҳо :** мақомотҳои маҳалӣ бояд дар ОАХМ нақши аз ҳама муҳимро бозанд. Ба одамон зарур аст аз оғоз дар он ҷалб бигарданд ва муҳити аз мина бехавфро дастгирӣ намоянд. Муҳокимаҳо оиди барнома бо роҳбарони деҳаҳо ва муаллимони мактабҳо ва ҷалби ақидаҳо ва эҳтиёҷоти деҳаҳо кӯмак менамоянд, ки ҷалбшавии ҷамоатҳо ташвиқ карда шавад. Ҳавасмандгардонии мунтазам аз ҷониби барнома барои ба роҳ мондани дастгирӣ ва омӯзиш муҳим аст.

**ВАО (Воситаҳои ахбори омма)** дар ташвиқи ОАХМ шарики ҳалкунанда мебошад. Онҳо ба роҳбарони ҳукуматӣ оиди сиёсат ва қонуни мувофиқи амалиёти зидди минаҳо ва таъмини аҳолии ҷамоатҳо бо иттилооти мунтазам оиди ОАХМ кӯмак менамоянд. ВАО аксар вақт дар ҷустуҷӯи нақлҳо ва интервюҳои кӯтоҳ мебошанд.

Барнома барои ташкил кардани баҳсҳои мунтазам бо рӯзноманигорони асосӣ бояд кӯшишҳои махсус намояд ва таъмин намояд, ки онҳо ба мавзеъҳои барнома сафар намоянд ва оиди фаъолиятҳои барнома огоҳ шаванд. Мавзӯъҳои кутоҳи мунтазами

барномаи ОАХМ ҷомеаро дар ҳолати огоҳӣ нигоҳ медорад. Қариб ки бе ягон маблағ, ВАО ба барнома кӯмаки мунтазам менамояд. Минаҳои заминӣ ва дигар муҳимоти нотаркидаи ҷангӣ худашон хабар мебошанд.

**Стандартҳои байналмилалии амалиёти зидди минаҳо (СБАМ )**

Ҳоло СБАМ як силсила стандартҳоеро дар бар мегирад, ки ба ОАХМ дахл доранд.

Ҳамагӣ, ҳафт силсилаи Стандартҳои зерини СБАМ ба ОАХМ марбут мебошанд:

| | |
|---|---|
| СБАМ 07.11 | Дастур оид ба идоракунии ОАХМ ; |
| СБАМ 07.31 | Акредитатсияи ташкилотҳои марбут ба ОАХМ ва амалиётҳо; |
| СБАМ 07.41 | Назорати барномаҳо ва лоиҳаҳои ОАХМ ; |
| СБАМ 08.50 | Ҷамъоварии иттилоот ва арзёбии эҳтиёҷот; |
| СБАМ 12.10 | Ба нақшагирии барномаҳо ва лоиҳаҳои ОАХМ ; |
| СБАМ 12.20 | Татбиқшавии барномаҳо ва лоиҳаҳои ОАХМ ; ва |
| СБАМ 14.20 | Баҳодиҳӣ ба барномаҳо ва лоиҳаҳои ОАХМ. |

Пеш аз шиносоӣ бо шаш стандарти дигар ва дастурҳо, аввалан бояд бо СБАМ 07.11 ошно гардид.

Иқтибосҳои мутобиқи СБАМ дар Замимаи 4 оварда шудаанд.

**"Созмонҳои кӯмакрасон медонанд, ки онҳо чӣ мехоҳанд бигуянд, вале аксар вақт намедонанд онро чӣ тавр гӯянд: ВАО медонанд онро чӣ тавр гӯянд, вале на ҳама вақт дар бораи мавзӯъ медонанд."**

**Адам & Хамфорд (1999:79)**

## 2. Муошırати самаранок: Асосҳои он

### Мо чӣ тавр муошират менамоем ?

Усулҳои гуногуни муошират мавҷуд ҳастанд ва ба барномаҳои ОАХМ лозим аст ҷараёнҳои гуногуни муошират, усулҳо ва технологияи гуногунро истифода баранд. Усулҳое, ки онҳо истифода мебаранд ва мӯҳтавое, ки онҳо пешкаш менамоянд, метавонанд бо мазмун ва матнаш фарқ кунанд. Ин ҷараёнҳо метавонанд аз хондан,

навиштан, ҳамчунин муҳокима, саволу ҷавоб, истифодаи ТВ ва ё омӯзиш дар синфхонаҳо иборат бошанд.

**ВАО** усулҳои гуногуне дорад, ки мо дар муошират истифода мебарем. Онҳоро ба 4 категорияи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

**Муошировати байнишахсӣ**

Ин муошират тамоси мустақими рӯ ба рӯро дар бар мегирад ва барои саволу ҷавоб ва шарҳи  маъно иҷозат медиҳад. Вай кӯмак менамояд, ки якдигарфаҳмӣ таъмин карда шавад. Муошировати байнишахсӣ, сӯҳбати байни дӯстон ва ё оила, муҳокимаҳо бо мутахассисони соҳаи тиб, кормандони соҳаи тиб, роҳбарони динӣ ва деҳа, табибони анъанавӣ, созмонҳои ҷавонон ва занон, муаллимони мактабҳо, роҳбарони иттҳодияҳои касаба, кормандони соҳаи рушд, макомоти ҳукуматӣ, падару модарон ва муошировати бачагонро дар бар мегирад.

**ВАОи хурд**

ВАОи хурд аксар вақт ин усулест, ки барои дастгирии ташабусҳои муошировати калонтар ва ё тасвир кардани муошировати байниҳамдигарӣ истифода бурда мешавад. Ин намуд усулҳо бахшҳои зеринро дар бар мегиранд:  истифодаи плакатҳо, касетаҳо, варақаҳо, брошураҳо, слайдҳо, видео, флипчартҳо, футболкаҳо, нишонаҳои сарисинагӣ ва баландгӯякҳо.

**ВАОи анъанавӣ**

ВАОи анъанавӣ ин санъатест, ки барои  тасвир кардан ва пешкаши иттилоот тавассути  усули дилхӯшкунӣ истифода бурда мешавад. Намоишҳои мустақим имкониятҳои махсусро барои чорабиниҳо дар байни  намоишдиҳандагон ва тамошобинон таъмин карда метавонанд. Ба инҳо намоишҳои зерин дохил мешаванд: драма, шаклҳои анъанавии театр, намоишҳои лухтакӣ, театрҳои кӯчагӣ, нақлкунӣ, суруд ва рақсҳо. ВАОи анъанавӣ ин чунин усули санъати муошират   аст, ки аз насл ба насл меузарад.

**ВАО**

ВАО муошировати ғайримустақим, яктарафаро таъмин мекунад ва ба ҷамоатҳо, радио/телевизиони миллӣ ва байналмилалӣ,  ҳамчунин газетаҳо, журналҳо, китобҳо, кино ва ҳолатҳоеро,  ки  ба шумораи зиёди одамон бе тамоси шахсӣ дастрасӣ мумкин аст, дар бар мегирад.

### Огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ба киҳо нигаронида мешавад?

Огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ба тарзи самаранок муошırати байни ашхос ва гурӯҳҳои гуногун ва ё шунавандагонро дар бар мегирад. Ба муҳити бехавфи минаҳо ноил шудан на танҳо муҳим аст, ки ба ҷамоатҳо оиди рафтори бехавфи минаҳо иттилоъ дода шавад, балки ҳамчунин муҳите таъмин карда шавад, ки ин рафторро дастгирӣ намояд. Ин метавонад қонуне бошад, ки муҳити бехавфи минаро дастгирӣ намояд.

Барномаи огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина одатан як ва ё зиёдтар шунавандаи муошираткунанда дорад. Муҳим аст, ки ин шунавандаҳо дақиқ аниқ карда шаванд. Шунавандагони аввалин ва аз ҳама асосӣ ин аҳолии деҳоте мебошанд, ки зери хатари минаҳо қарор доранд. Шунавандагони дуюм ин муаллимони мактабҳо ва роҳбарони маҳаланд, ки бошандагони деҳаро барои воридшавӣ ба муҳити бехавфи минаҳо ташвиқ менамоянд. Аудиторияи сеюм ин сиёсатчиҳо ва ё кормандони ВАО мебошанд, ки барои воридсозии тайиротҳо дар сиёсат ва қонун ҳавасманд карда мешаванд ва муҳити бехавфи минаҳоро дастгирӣ менамоянд.

### Ҷараёни қабулкунии рафторҳои нав

Бинобар сабаби он, ки мақсади мо ин ташвиқ намудани муҳити бехавфи минаҳо мебошад, муҳим аст фаҳмидани он, ки  барои чӣ ва чӣ тавр одамон ин корро мекунанд. Шумораи зиёди тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мо қабули рафтори навро гуногун қабул менамоем. Мувофиқи қоида, мо он фаъолиятҳоеро, ки пештар ҳеҷ вақт иҷро накарда будем, яку якбора сар карда наметавонем: мо фоидаҳои иҷро кардан ва ё  иҷро накардани ин амалро меомӯзем ва бармекашем; мо ба гирду атрофамон менигарем, ки оё ягон кас ин корро иҷро карда истодааст — ва оё рафиқони мо ва деҳоти мо рафтори моро қабул мекунанд. Агар қобили қабул бошад, арзандаю амалӣ бошад, мо малакаҳоеро меомӯзем, ки рафтори навро амалӣ намоем ва тавонем онро дар ҳаёти худ амалӣ созем. Баъдан, мо санҷида мебароем, ки давом додани ин амал арзанда аст ва ё не.  Аз таҷрибаамон гуфта метавонем, ки мо метавонем рафтори навро раъд намоем ва ё дигаронро ташвиқ намоем, ки намунаи моро дастгирӣ намоянд. Бинобар ҳамин сабаб, стратегияи муошırати ОАХМ бояд  ба қисматҳои зерин диққат диҳад:

- Таъмин намудани иттилоот, боварӣ ва ҳавасмандкунӣ, ки барои рафтори муҳити бехавфи минаҳо зарур аст;
- Муайян кардан ва мусоидат намудан ба модули рафтори муҳити бехавфи минаҳо;
- Омӯзонидани малакаҳое, ки ба одамон дар омӯхтани онҳо лозиманд ва кӯмак мекунанд.
- Таъмини муҳити иҷтимоие, ки ба муҳити бехавфи минаҳо мусоидат менамояд;
- Пешкаш кардани ташвиқи ҷараёндошта барои идома додани муҳити бехавфи минаҳо ; ва

- Ҳавасманд намудани одамон то,  ки иттилоот ва малакаҳои навро ба дигарон пешкаш намоянд.

Барои ашхосе, ки лоиҳаи шумо мақсад дорад иттилоот пешкаш намояд, шумо бояд нуктаҳои зеринҳоро ошкор созед:

- Иттилоотҳое, ки аз ҳама зиёд фоиданоканд ва барои онҳо амалианд;
- Ашхосе, ки ба онҳо аз ҳама зиёд боварӣ доранд;
- Каналҳои муоширате, ки онҳо интихоб мекунанд; ва
- Усулҳое, ки онҳо аз ҳама зиёд мехостанд дар фаъолиятҳои ОАХМ истифода баранд.

**Муқаддима оиди стратегияи муошират**

Муҳим аст, ки стратегияи муошират, ки дар асоси ҷараёни муошират, усулҳо ва каналҳое, ки аз ҳама бештар ба шунавандагони мушаххас мувофиқанд, бунёд гардад. Лекин чунин як стратегияи универсалии самараноки муошират вуҷуд надорад: равандҳо ва каналҳои гуногуни муошират ба гурӯҳҳои сину солӣ ва гендерии гуногун вобаста ба матни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҷуғрофӣ дар ноилшавӣ ба муҳити бехавфи минаҳо таъсири гуногун дорад. *Баъзе корҳо дар як ҷой метавонанд самаранок бошанд, вале онҳо дар ҷойи дигар ба кор наоянд.*

Ҳар як стратегияи муошират бояд дар асоси тадқиқоти бодиққат бунёд гардида, барои ҳар як ноҳия, гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоӣ таҳия гардад.  Вай бояд омехтаи равандҳо ва каналҳои гуногуни муоширатро муттаҳид намояд ва пайғомҳоро гаштаю баргашта такрор намояд.

Ин стратегия бояд ба ҳавасмандкунии  муҳити бехавфи минаҳо диққат диҳад, ки ба вазъияти мушаххас ва дониши мавҷудаи одамон мувофиқ бошад. Рафтори муоши-ратшаванда  бояд арзанда бошад. Барои таҳкими рафторе, ки бинобар сабабҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконпазир нест, ҳоҷат нест.

Усули аз ҳама самараноке, ки мо рафтори навро меомӯзем, ин тавассути одамони дигар, мустақиман  ба воситаи муоширати шахсӣ ва ё ғайримустақим  ба воситаи усулҳо мебошад. Ҳарду усул метавонад ба ашхоси "мисли мо", ки  рафтори бехавф аз минаҳоро машқ мекунанд ва  муҳокимаро дар байни дӯстон, оила ва деҳот ҷонок мекунанд, нишон диҳад.

Кӯшишҳои аз ҳама зиёд бомуваффақияти ноилшавӣ ба рафтори бехавф аз минаҳо ин истифодаи усули гуногуни *муоширати байниҳамдигарӣ, ВАО ва усули анъанавӣ  мебошад.* Ба инҳо ашхосе шомил мегарданд, ки рафтори бехавф аз минаҳоро машқ мекунанд, ашхоси маҳалии бонуфуз, расонаҳои радиоӣ ва ТВ, барномаҳои омӯзиши ҷамоаҳо ва аз ҳама муҳимаш— онҳое, ки деҳаҳоро ташвиқ мекунанд, ки дар нақшадорорӣ, татбиқ, назораткунӣ ва такмилдиҳӣ ширкат варзанд.

## 3. Гузоштани мақсадҳои муоширaт

**Таъсис додани қисматҳои зарурӣ**

Қадами аввал дар стратегияи муошират ин ба мақсадҳои муошират худ боварӣ доштан аст, масалан,

- Оё ин таъмини огоҳӣ оиди хатари минаҳо аст ва ё оиди маводҳои нотаркида?
- Ва ё ин ташвиқи рафтори бехавф аз минаҳо дар байни онҳоест, ки алакай оиди хатари минаҳо огоҳанд?
- Оё ин ташвиқи рафтори бехавф аз минаҳо дар байни он гурӯҳест, ки махсусан зери хатари минаҳо қарор доранд ?

Масалан, дар лагери гурезаҳо. Гурезаҳо, эҳтимол, аз хатари минаҳо ва маводҳои нотаркида тамоман ноогоҳанд. Қадами аввал дар фаъолиятҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ин пешкаш кардани огаҳонӣ оиди хатар аст. Дар ҳолатҳои дигар, аксари одамон, ба ғайр аз бачагони хурдсол, эҳтимол аз хатар огоҳанд.

*Дониш ва огоҳии такмилдодашуда оиди хатари минаҳо ва маводҳои нотаркида рафтори бехавф аз минаҳо на ҳама вақт ба рафтори бехавф аз минаҳо меоварад.*

Аксари одамон хатари наркотик, рондани нақиёт дар ҳолати мастӣ, сигоркашӣ ва фарбеҳиро медонанд, вале ба онҳо аҳамият намедиҳанд. Диққати худро ба тағйири рафтор равона намоед.

*Муайянкунии гурӯҳҳои аввалини мақсаднок*

Мақсадҳои муошираттонро муайян намуда, баъдан ба шумо лозим аст гурӯҳҳои аз ҳама мақсаднокатонро, ки мехоҳед ба он ноил гардед ва онҳо асосан зери хатари минаҳо қарор доранд, муайян намоед. Сабабашро аниқ кунед.

Дар ин масъала бодиққат фикр кунед. Мисли аксари барномаҳои ОАХМ фикр накунед, ки бачагон ва занҳо доимо зери хатари минаҳо қарор доранд. Дар *Дастур оид ба такмилиҳии муошират дар барномаҳои ОАХМ* омадааст, ки дар аксар ҳолатҳо мардони калонсол маҷрӯҳони минаҳо ва маводҳои нотаркида мегарданд.

Ҳамин тавр, чунин ақидае ҳаст, ки аксарияти маҷрӯҳони минаҳо аз хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида огоҳ нестанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ин одатан дуруст нест. Муҳим аст, ки ҳам сабабҳои дақиқ ва ҳам сабабҳои тахминӣ барои чунин таваккалгирӣ ва дилхоҳ монеа барои рафтори бехавф аз минаҳо аниқ карда шаванд. Ашхоси таваккалкунанда ба панҷ қисмат ҷудо мешаванд:

- **Намедонистагиҳо** (ин ашхос дар бораи хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида огоҳ нестанд);
- **Огаҳ набудаҳо** (ин ашхос дар бораи минаҳо/муҳимоти нотаркида огоҳанд, вале дар бораи рафтори бехавф аз минаҳо иттилоъ надоранд);
- **Иттилооти нодуруст доштагиҳо** (ин ашхос дар бораи рафтори бехавф аз

минаҳо иттилои нодуруст доранд ва ё дар бораи минаҳо фикрҳои нодуруст доранд);

- **Бепарвоён** (ин ашхос дар бораи рафтори бехавф аз минаҳо огаҳанд, вале ба он  эътибор намедиҳанд ); ва
- **Барқасдона** (ин ашхос ба ғайр дидаю дониста интихоб намудани рафтори хавфнок аз минаҳо дигар роҳ надоранд).

Баъди муайян намудани **ба Кӣ Чӣ** лозим аст, акнун ба шумо каме иттилооти асосӣ оиди оғоз намудани барномасозии фаъолиятҳои муоширати шумо лозим аст.

## 4. Иттилооти зарурӣ барои ба барномадарории муоширoт

*Эзоҳҳои умумӣ*

Барномаи ОАХМ, мисли дилхоҳ барномаи муошират аз шаш зина иборат аст:

- Таҳлили эҳтиёҷот ва тадқиқот барои интихоби стратегия;
- Таҳияи маводҳо ва санҷиш;
- Интихоби усулҳои муошират;
- Иҷроиш;
- Арзёбии самаранокӣ;
- Фикру ақидаҳо.

Дар ин қисмат сухан оиди он меравад, ки барои ба нақшагирии барномаи ҳамаҷабҳа ва хуб таҳияшудаи ОАХМ кадом иттилоот ба шумо лозим аст, онро чӣ тавр ҷамъоварӣ намуд ва чӣ тавр таҳлил намуд.

Мисли дигар нақшаҳо, ба нақшагирии стратегияи муошират иттилооти хубро талаб менамояд, таҳлили дақиқи вазъият ва таҳияи нақшае, ки аз нуқтаи назари вақт, ҷалби маҳал ва захираҳо амалӣ мебошад.

Пеш аз он, ки тадқиқотро амалӣ намоед, вай бояд оиди иттилоот ва ҷавоби ба шумо зарур дақиқ бошад. Тадқиқоти хуб барои барномаи шумо муҳим аст, ва агар вай бо мақсадҳои дақиқ таҳия нагардида бошад, дар ин ҳолат ин сарфи вақту маблағ талаб мекунад. Агар шумо машқи тадқиқотии калонеро амалӣ намуда истода бошед, беҳтар мебуд таҳқиқотчиёни касбиро барои таҳия ва иҷрои он дархост намоед. Ба ҳар ҳол, агар шумо аниқ донед, ки кадом иттилоот ба шумо зарур аст, усули арзон мавҷуданд ва албатта онҳо низ вақт ва ба нақшагирии мувофиқро талаб мекунанд. Ҳама вақт дар вақти таҳияи тадқиқоте, ки таҳлилро талаб менамояд, бодиққат бошед. Рӯйхати саволҳои марбут ба тадқиқотро кӯтоҳ ва ба мақсад равонашуда нигоҳ доред. ***Ва ҳама вақт таъмин намоед, ки ин иттилооти иҷтимоӣ аз рӯи синну сол ва ҷинс ҷамъоварӣ карда шавад.***

**Маслиҳат**

**Агар шумо ният доред, ки радио ва ё ТВ ро истифода баред, хусусиятҳои фарққунандаи байни марду зан дар нисбати гуш кардан ё тамошои ТВро фаромӯш накунед. Масалан, агар шумо хоҳед, ки пайғоми шумо ба занҳо расад, вақти муошиpататонро бо зан дар саҳар ва ё аввали бегоҳ ҷудо накунел: шояд ин вақтҳо барои мардон барои шунидан мувофиқ бошад, вале барои занон ин вақти тайёркунии хӯрок аст. Тартиби кориатонро чунон тақсим намоед, ки дар он миқдори максималии шунавандагони мушахассатонро дошта бошед.**

Пеш аз он , ки ба фаъолиятҳои муошират шурӯъ намоед, ба шумо лозим аст бо вазъият беҳтар шинос шавед. Дар зер якчанд саволҳое оварда мешаванд, ки шумо бояд ба онҳо ҷавоб диҳед. (Шояд ба баъзеи онҳо шумо аллакай ҷавоб дошта бошед, агар надошта бошед, мо ҳамчунин тавсия медиҳем, ки усули зеринро истифода баред).

**Мушкилот аз чӣ иборат аст ва дар куҷо аст?**

Бо эҳтиёт бошед. Диққататонро на танҳо ба минаҳо равона кунед. Агар хатари ҳақиқӣ аз муҳимоти нотаркида, ба мисли бомбачаҳо, снаряд ва граната биёяд, аниқ кунед, ки кадом муҳимоти нотаркида шаҳрвандонро маҷрӯҳ карда истодааст ва ё ҳалок мекунад.

► *Усули тадқиқот барои истифода: тадқиқоти миқдорӣ /баҳодиҳии босуръат.*

**Кӣ зери хатари минаҳо қарор дорад ?**

Аниқ кунед. Киҳо ҳалок мегарданд (синну сол, ҷинс, касбу кор) ва сабабаш (маҷрӯҳони мина дар вақти ҳодиса бо чӣ кор машғул буданд?). Оё ин ҳодиса натиҷаи яке аз сабабҳои зерин аст: надоштани иттилоот оиди минаҳо, надоштани иттилоот оиди рафтори бехавф аз минаҳо, бепарвоӣ ва ё дигар сабаб? Чӣ тавре қайд гардид, аксар вақт оиди қурбониҳои минаҳо/муҳимоти нотаркида фаҳмиши нодуруст мавҷуд ҳаст.

► *Усули тадқиқот барои истифода:*

**Киҳо шунавандагони асосии мақсаднок мебошанд?**

Вақте ки шумо ашхоси зери хатари мина қарордоштаро аниқ мекунед, он гоҳ шумо шунавандагони асосии мақсаднокро муайян карда метавонед. Шумо ҳамчунин бояд оиди дигар шунавандагон (шунавандагони дуюм ва сеюм) иттилоот гиред, ки дар байни шунавандагони асосии мақсадноки шумо рафтори бехавф аз минаҳоро ташвиқ мекунанд.

► *усули тадқиқот барои истифода: тадқиқоти миқдорӣ /баҳодиҳии босуръат.*

**Хусусиятҳои шунавандагони мақсаднок кадомҳоянд?**

Ба шумо зарур аст аз руи синну сол ва ҷинс муайян кунед :

- Онҳо оиди минаҳо/муҳимоти нотаркида ва рафтори бехавф аз минаҳо чӣ иттилоот доранд ?
- Рафтори онҳо дар нисбати минаҳо чӣ гуна аст?
- Онҳо оиди хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида кадом иттилооти нодурустро доранд ?
- Кадом рафторҳои мусбӣ дар онҳо мавҷуд ҳаст, ки дар асоси он таъсис додан мумкин аст?
- Дар самти рафтори бехавф аз минаҳо кадом монеаҳо мавҷуданд?
- Рафтори бехавф аз минаҳо дар деҳа то кадом дараҷа муҳим аст?
- Дар байни ин шунавандагони мақсаднок касбҳои асосӣ кадомҳоянд ?
- Сарчашмаи асосии иттилооти боэътимод кадом аст?
- Малакаҳои онҳо дар нисбати ВАО аз чӣ иборат аст аст — масалан, оё онҳо радио гуш мекунанд ва агар “Ҳа”, кадом каналро ва дар соати чанд?
- Оё онҳо мутолиа мекунанд? Агар “Ҳа”, чӣ мутолиа мекунанд ?
- Сатҳи саводнокии шунавандагон чӣ гуна аст ?

- Шунавандагони мақсаднок  ба кадом табақаҳои иҷтимоӣ ва корӣ дохил мешаванд ?

***Усули тадқиқот барои истифода:* дониш, муносибат, *таҷриба, боварӣ (абревиатураи ин 4 калима —*КАРВ*)***

Тадқиқот  (нигаред ба саҳ. оянда), баҳси гурӯҳи Фокусӣ, Семинар,

## Кадом намудҳои ВАО мавҷуд аст?

Истифодабарии ВАО, хоҳ умумӣ ва ё анъанавӣ, ин кори амалӣ аст. Шумо  бояд донед, кӣ  чиро гуш мекунед (тамошо мекунед) ва кай. Ба шумо инчунин лозим аст нуқтаи назари шунавандагони мақсаднокро оиди ба програмадарории стил ва муомила омӯзед. Ин метавонад ба тарзи ҷиддӣ дар байни занон, мардон, ҷавонон фарқ кунад ва аксар вақтҳо ҷойи зисти онҳо (дар шаҳр ва ё қария зиндагӣ мекунанд), сатҳи маълумотнокии онҳо ва вазъи иқтисодииашонро шарҳ медиҳад.

Дар бахши ОАХМ радио аксар вақтҳо сарчашмаи истифоданашуда ҳисоб мешавад, махсусан радиои маҳаллӣ. Лекин радиои маҳалӣ фақат ҳамон вақт таъсир дошта метавонад, ки агар одамон онро гуш кунанд. Ҳамин тавр агар шумо нақшаи гуш кардани радиоро дошта бошед, кушиш намоед каме аз вақтатонро (шояд маблағро) барои ҷамъоварии иттилоот оиди масоили зерин сарф намоед:

- **ба кӣ мансуб будани радио,** аз ҷумла дастрасӣ доштани шунавандагони мақсаднок ба радио;
- **ҷамъоварии иттилоот** аз руи синну сол, ҷинс, мансубияти иҷтимоӣ, этникӣ ва даромади иқтисодӣ;
- **мавзӯъҳо барои шунидан**: барномаҳои интихобии шунавандагони мақсаднок кадомҳоянд, формати барнома ва вақти  гушкунӣ, аз руи синну сол, ҷинс, мансубияти иҷтимоӣ, этникӣ ва даромади иқтисодӣ;
- **дар эфир садо додани барнома:** миқдор ва намудҳои мавҷҳои радиоӣ,

  вақти пахши барнома, забони истифодашаванда ;

- **озодии ВАО:** эътимоднокии канал дар байни шунавандагони мақсаднок. Ҳамчунин дилхоҳ намуди ВАОи анъанавиро дар маҳали барномаи такмилиҳии огоҳонӣ аз хатари минаҳо  муайян намоед. Гурӯҳҳои маҳалии драмавӣ ва лухтак метавонанд василаи самараноки муоширати ОАХМ дар рафтори бехавф аз минаҳо шавад.

► ***Усули тадқиқот барои истифода:   шунавандагони мақсаднок ва  тадқиқот оиди минтақаи пахши барнома.***

**Маъракаҳои иттилоотӣ**

Ба дигар маъракаҳо назар намоед ва ошкор намоед, ки дигар ташаббусҳо, ба мисли маъракаи огаҳонии HIV/AIDS кадом корҳоро амалӣ намудаанд.

**Иттилооти ба шумо заруриро чӣ тавр ҷамъоварӣ кардан мумкин аст ?**

Барои тадқиқот қоидаҳои сахт ва тез мавҷуд нест— илми иҷтимоӣ, кормандони соҳаи рушд ва ВАУ бисёр техникаю усулҳоро кор карда баромаданд. Дар зер якчанд имконияттҳое оварда мешаванд, ки дар самти маъракахои тандурустии ҷомеа мутобиқати худро исбот намуданд. Дар хотир доред, ки ба шумо лозим нест, худатон тадқиқот баред—тадқиқотчиёни бозор ва кормандони тандурустӣ метавонанд ин корро барои шумо иҷро намоянд. Ин метавонад барои МАЗМ як вазифаи мантиқӣ шавад, ки бо ҳиссагузории шумо ҳамоҳанг сохта мешавад.

Умуман тадқиқот ба усули миқдорӣ (баъзе намудҳои тадқиқот) ва сифатӣ (фикру ақидаҳо сабт мегарданд) тақсим мешавад. Ҳарду усулҳоро мумкин аст самаранок истифода бурд.

*Усули миқдорӣ*

***Тадқиқоти КАРВ***

Тадқиқот тибқи дониш, муносибат, таҷриба, боварӣ ва ё *тадқиқоти КАРВ* ин усули стандартиии таҳияи такмилдиҳии тандурустӣ буда тавассути каме мувофиқ — кунонии тадқиқот ба усулҳо ва дигар каналҳои муошират мумкин аст чун усули асосии ба нақшагирӣ дар барномаи ОАХМ истифода бурда шавад. Тадқиқоти КАРВ дар асоси саволномае таҳия гардидааст, ки саволҳои серҷавобро дар бар мегирад ва ҷавобҳояш аз «Ҳа»/«Не» иборат мебошанд ва якчанд саволҳо ҷавоби шарҳдиҳанда доранд.

Илова ба пешкаш намудани маълумотҳои оморӣ, тадқиқоти КАРВ як қолаберо таҳия мекунад, ки онро барои мониторинг ва баҳодиҳӣ истифода бурдан мумкин аст. Тадқиқоти КАРВ иттилооти матнии маҳдуд пешкаш мекунад, вақтро сарфа карда, метавонад қиммат шавад. Вай таҳлили оморӣ талаб менамояд ва дар мавзеъҳои низоъ дастрас намудани иттилооти оморӣ мушкил аст. Лекин аз як тараф хароҷотҳо метавонанд, дар ҳолати зарурӣ, аз ҳисоби истифодаи тадқиқоти мавҷуда ва ҳуҷҷатгузории иловагӣ ва эҳтимол аз илова намудани саволҳо ба тадқиқоти хоҷагӣ коҳиш ёбад. *( Барои намуна нигаред ба Замимаи1 , Тадқиқоти КАРВ .)*

*Усули сифатӣ*

Қисман бинобар сабаби камбудиҳои усули миқдорӣ , аксар вақтҳо омилҳои тандурустӣ усули сифатиро истифода мебаранд. Бинобар сабаби он ки ин хел тадқиқот иттилоотро оиди ҳиссиёту таасуроти миқдори ками мизоҷон ҷамъоварӣ менамояд, манбаи иттилоот имкон надорад, ки ба ин шакли миқдорӣ ифода биёбад — бинобар

ҳамин аз хулосаҳо натиҷаҳои умумӣ баровардан лозим аст.

Бартарии асосии усули сифатӣ ин ташкил кардани мубоҳиса бо иштирокчиён аст, имкон додани он чиз, ки дигарон оиди шумо чӣ фикр доранд. Онҳо инчунин барои он муфиданд, ки инструментҳои тадқиқотро таҳия менамоянд. Норасоияшон он аст, ки онҳо малакаҳои хубро барои иҷроиш талаб менамоянд, барои тайёр кардан ва таҳлил намудан вақти зиёд лозим мешавад ва шарҳдиҳии иттилооти сифатӣ мушкил аст.

### Муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ

Дар Муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ (МГФ), фасилитатор якчанд гурӯҳҳои хурдро (6 — 10 нафарӣ), ки ҳар якеашон хусусиятҳои шабеҳро (синну сол, ҷинс, дараҷаи маълумотнокӣ, деҳотӣ, сокини шаҳр ва ғ.) оиди муҳокимаи мавзӯи интихобшуда табодули назар мекунанд ва ба онҳо иҷоза медиҳанд, ки озодона сӯҳбат намоянд. Мавзӯъҳои муҳокимашаванда бояд пеш аз гузаронидани МГФ муайян шаванд ва фасилитатор бояд натоиҷи асосии муҳокимаро дарҳол баъди МГФ изҳор намояд. Ин ба таҳлил кӯмак мерасонад. *(Намунаи Дастурҳои МГФ дар Замимаи 2 оварда шудаанд.)*

### Муҳокимаҳо бо ҷамъкунандагони асосии иттилоот

Илова бар эҳтиёҷот барои вохӯрдан бо дигар шарикони асосии амалиёти зидди минаҳо ва мақомоти ҳукуматӣ, шумо инчунин бояд бо роҳбарони маҳалӣ, кормандони тандурустӣ ва духтурони деҳа, табибони анъанавӣ вохӯред , то ки онҳо низ ҳиссаи худро гузоранд. Шумо ҳамчунин метавонед барои ташаббусхои ОАХМ — и худ ба дастгирӣ ва тасдиқ ноил гардед.

### Семинарҳо

Семинаре, ки ВАО ва шарикони ОАХМ — и шуморо муттаҳид менамояд, метавонад иттилооти арзанда пайдо намояд. Ба ВАО кӯмак карда мешавад, ки мавзӯъҳо ва бахшҳои ҳасосу сиёсию прагматикиро фаҳмида гиранд. Шарикони шумо имконият доранд, ки бо ВАО тамос пайдо намоянд, бо кори рӯзноманигорон ва натоқон ошно гарданд. Семинарҳо ҳамчунин метавонанд танзим дар байни барномаи огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ва амалиёти зидди минаҳоро такмил диҳад.

### Баррасии сарчашмаҳои дуюмдараҷа

Ҳатто дар мавзеъҳои баъди низоъ, тадқиқотҳои мувофиқ аз ҷониби созмонҳои кӯмакрасон, рушд, ҳуқуқи башар, ташкилотҳои маҳалӣ, дастурҳои барномаҳои ОАХМ, ташкилотҳои ВАО ва СММ амалӣ мегарданд, ки ба баъзе аз суолҳои шумо ҷавоб хоҳанд гардонид.

**Таҳлили иттилоот**

Аксари иттилооти хом ҳамон тавр — хом дар амбор мемонанд ва фаромӯш мегарданд. Таҳлили иттилоот ин бахши махсус мебошад. Фоиданокии таҳлилҳо, натиҷаҳои ноилшавандаи шумо ба тарзи ҷиддӣ аз дизайн ва усули тадқиқоти шумо вобаста аст. Масалан, агар шумо дар тадқиқотатон оиди синну сол, ҷинс, касб ва маълумот иттилоот ҷамъ накарда бошед, он гоҳ наметавонед иттилоотатонро оиди ин нишондиҳандаҳо пурра намоед. Нишондаҳандаҳои нисбатан на он қадар зиёд иттилооти бештар ва муфидтар пешкаш менамоянд ва иҷозат медиҳанд, ки намунаҳои мушаххаси иттилоот ва рафтор ошкор гарданд. Лекин нишондаҳандаҳои аз ҳад зиёд метавонанд ба бенизомӣ оварад.

Вақте , ки ба таҳлил оғоз намудед, ба намунаҳо дар қисми натиҷаҳо назар кунед. Масалан, яке аз нишондиҳандаҳо чунин аст, ки қисмати зиёди онҳое, ки ба рафтори хатарнок сару кор доранд, ин бачаҳои синну соли 14 — 17 мебошанд ва ё сокинони деҳот, ашхоси ҳама синну сол ва ҳарду ҷинс бовар доранд, ки муаллимони мактаб сарчашмаи муҳимтарини огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина мебошанд. Намунаҳо нисбатан хеле зуд маълум мегарданд. Намунаҳои ба ин монанд имкон доранд, ки дар як ноҳия ва ё вилоят нигоҳ дошта шаванд ва ё шумо дар деҳоти гуногун ҳолатҳои тамоман гуногунро ёфта метавонед.

Тадқиқотҳои миқдорӣ барои таҳлил намудан назар ба тадқиқотҳои сифатӣ осонтар ва тезтар мебошанд, вале оиди рафтор, боварӣ ва ҳавасмандкунӣ нисбати амал иттилооти камтар пешкаш менамоянд. Дар таҳлили иттилооти муҳокимаҳои гурӯҳи фокусӣ ва семинарҳо қайдҳои фасилитаторро истифода баред, ки онҳо ба рӯйхати мавзӯъҳо ва ҷавобҳои асосӣ дохил мешаванд. Ин ба шумо барои таҳлил сохторро пешкаш менамояд. Усули баҳодиҳии муштарак дар деҳот ва баҳодиҳии босуръат дар деҳот низ барои таҳлилҳои нисбатан зуд ва осон иҷозат медиҳанд.

Лаҳзаҳое, ки усули сифатӣ истифода гардиданд, муфид мебошанд, махсусан дар ҳолатхои баҳсҳои гурӯҳҳои фокусӣ (МГФ)— ҳо, баргаштан ба респондентҳо бо натоиҷи асосӣ ва санҷиши онҳо.

Дар ниҳояти кор баъзе аз таҳлилҳои худро гиред. Шумо метавонед одамони бомаърифат ва одамони дигар аҷонсиҳоро бовар кунонед, ки ба шумо кӯмак намоянд. Акнун вақти таҳияи фикратон расидааст.

## 4. Таҳияи фикрҳо. Принсипҳои асосӣ

Вақте ки шумомушкилоти асосиеро, ки мехоҳед ҳаллу фасл намоед, шунавандагони мақсаднок ва иттилооти зарурии мушаххасро ёфтед, қадами ояндаатон ин таҳияи фикрҳо мебошад.

Таҳияи фикрҳо баровардани қарорро дар се бахши асосӣ дар бар мегирад:

- Консепсияҳои муайянкунии фикр, ки ба тағйири рафтори хосташаванда меоварад;
- Интихоби усули муоширт; *ва*
- Интихоби муроҷиат барои ин фикр ва ё тони суханронӣ.

***Қоидаи тиллоӣ*** барои ҳар як маъракa чунин аст, ки бояд як пайғоми мусбӣ мавҷуд бошад; — ба одамон зарур аст, ки ҳис кунанд, ки қодиранд амал намоянд ва тавассути амалкуниашон онҳо метавонанд ҳаёти худ ва аҳли оилаи худро беҳтар намоянд. Ва дар ҳолати ОАХМ эҳтиёт будан зарур аст — чунки фикру пайғоми нодуруст метавонад ба ҳалокат расонад.

Пайғомҳои муоширатшаванда аз шунавандагони мақсаднок, рафтор ва омилҳои эҳтимол ба шунавандагони мақсаднок таъсиррасонанда, ки рафтори зарурирo қабул менамоянд, вобаста аст. Эҳтимол ба шумо зарур аст, ки мунтазам ба натиҷаҳои тадқиқотҳоятон муроҷиат намоед. Ин пайғомҳо аз нуқтаи назари маданӣ ва иҷтимоӣ мувофиқанд.

Пайғомҳои хуб бояд амалҳои зеринро иҷро намоянд :

- Омилҳои мусбиро тақвият додан;
- Муҳокима намудани ҳамдигарнофаҳмӣ ва қисматҳои норасоии дониш;
- Муҳокима намудани муносибатҳо;
- Фоидаҳои рафторро мисол овардан;
- Амалҳои мушаххасро ҷӯстан;
- Ёфтани хадамоти тақвиятшаванда;
- Дастрас намудани кӯмак, дар ҳолати зарурӣ;
- Ҳал намудани монеаҳо.

### Тайёр намудани пайғом

Оиди навиштан барои ВАО, чӣ тавр барои реклама навиштан, чӣ тавр одамонро бовар кунонидан, чӣ тавр ба шунавандагони бесавод муроҷиат намудан ва ҳатто дар бораи " муошират оиди дастгирии лоиҳа " китобҳои зиёде мавҷуданд.

Лекин, қарори калонтарини шумо дар ин самт он аст, ки оё пайғомро худатон менависед (ё дар офис) ва ё бо кӯмаки атрофиён. Агар шумо дар корхонаатон кормандони малакаи навиштан доштаро надошта бошед, шумо эҳтимол ба кӯмаки мутахассисони варзида муроҷиат намоед. Навиштан оиди муошират бо омма аз навиштани ҳисоботҳои ҳармоаҳаатон фарқ мекунад.

Ва фақат ба калимаи "навиштан" банд нашавед. Ҳатто агар пайғоматон бо суратҳо

ва ё овоз агар пешкаш гардад ҳам, асоси ҳар як фаъолияти хуби муошират ин хуб тасвир кардан аст.

Хусусиятҳои муҳими хушнависӣ дар муошират инҳоанд:

- Истифодаи калимаҳои содда ва дар муомила истифодашаванда, вай бояд мушаххас бошад (калимаҳо, ҷумлаҳо ва ибораҳои дарозу мураккаб хонандаро роҳгум мекунад);
- Ибораҳои муқаррариеро, ки ба одамон фаҳмо мебошанд, истифода баред (масалан, ба ҷойи ибораи "25 % и аҳолӣ " ибораи " аз ҳар чор нафар як шахсро ") истифода баред;
- Ин ҷолиби диққат аст: шавқ пайдо кунонидан қисми бисёр муҳими муошират аст; ин зарур аст; аз нуқтаи назари маданӣ фаҳмо аст.

Маҳорати талабшавандаи нависанда дар ин соҳа ин тавлиди бомаҳоратонаи лоиҳаи аввалӣ (сиёҳнависи)он аст , ки дар оянда онро такмил додан, иваз кардан, санҷидан мумкин аст. Фикрҳои худро ҳаматарафа истифода бибаред ва ҳамчунин аз пурсидани фикрҳои дигарон наҳаросед. Ва махсусан аз пайғомҳое огоҳ бошед, ки ба ашхоси аз дигар фарҳангҳо марбут равона шудаанд. Он чизе, ки ба шумо ва рафиқонатон самаранок ва меҳрубонона менамояд, шояд ба одамони дигар фарҳанг таҳқиромез намояд.

**Пайғомҳо ва маводҳои пеш аз санҷиш**

Яке аз хатоҳои умумӣ ин аз даст додани фикру каналҳои истифодашаванда пеш аз санҷиш мебошад —ва ё санҷидан дар каридори офис ва на дар байни ашхоси таалуқдошта. Инҳо метавонанд ба он намуди пайғомҳое таъсир расонанд, ки бемаъно мебошанд ва ё аз нуқтаи назари фарҳангӣ таҳқиромез намояд ва ё маводе таҳия мешавад, ки ба аксарияти ашхоси равонашаванда дастнорас аст. Масалан, брошураҳои навишташуда барои ашхоси бесавод ба мисли шунавандагони мақсадноки барқнадошта арзиши кам доранд .

Санҷишҳои пешакӣ бояд дар байни шунавандагони мақсаднок гузаронида шаванд. Агар ин шунавандагон фермерҳои ҷавони ягон гурӯҳи этникии махсус бошанд, санҷиш бояд махсус дар байни ҳамин гурӯҳ гузаронида шавад , на дар байни гурӯҳи этникие, ки дар назди офисатон зиндагӣ мекунад.

Маънои санҷиши пешакӣ санҷиши муфассали фикрҳо, пайғомҳо ва барномаҳои санҷишӣ бо намунаи намояндагии шунавандагони мақсаднок ва шарикон пеш аз ба охир расонӣмебошад.

**Тайёр намудани пайғом**

Санҷишро дар сатҳои гуногун бо арзишҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст. Вай набояд вақти зиёдро гирад.

***Барои чӣ ин санҷишро гузаронид?***

Барои муайян намудани он, ки оё пайғомхо бо он тарзе, ки дар нақша буданд, расонида шудаанд ва ҳамчунин оё ба шунавандагон онҳо маъқул ҳаст ва онҳоро мефаҳманд ва ё не. Тавассути муайянкунӣ ва ҳал намудани масъала дар зинаи ибтидоӣ вақт ва маблағ сарфа мегардад. Ин ба аҳолии маҳал кӯмак менамояд, ки онҳо дар чараён ҷалб гарданд ва онҳоро огоҳ намоянд.

Дар хотир нигоҳ доред: мақсади санҷиши пешакӣ ин таъмин намудани пайғомхо ва маводҳои самаранок аст. Агар лозим шавад, онҳоро такмил додан зарур аст, на ин ки танҳо мӯҳр зада аз сари худ соқит намудан.

Ҳамчунин фаромӯш накунед: бинобар сабаби он, ки пайғомҳо бо шарикон ва дӯстон табодул карда мешаванд, он чӣ онҳо аз пайғомҳо мефаҳманд, эҳтимол аз фаҳмиши шунавандагони мақсадноки шумо хеле фарқ мекунад. Ба он ҳолатҳое, ки пайғомҳо ба шарикони шумо маъқул намешавад ва ё маводҳо диққатҷалбкунанда нестанд барои онҳо тайёр шавед, вале ҳамин маводҳо барои шунавандагони мақсадноки шумо диққатҷалбкунанда, эътимоднок ва мувофиқ менамоянд.

### *Барои муайян намудан ба шумо чӣ зарур аст?*

Мақсади санҷиши пешакӣ ин таъмин намудани он, ки маводу пайғомҳо ба шакли зайл бошанд:

- Фаҳмидашаванда ;
- Қобили қабул;
- Алоқаманд бошад;
- Диққатҷалбкунанда ; ва
- Боваркунанда .

### *Шумо чӣ тавр санҷиши пешакӣ мегузаронед?*

Бинобар дар назар гирифтани он факт, ки шунавандагони мақсаднок баҳодиҳандагони ниҳоии пайғомҳои шумо мебошанд, ҷараёни санҷиши пешакӣ ба мисли зайл хоҳад буд:

- Санҷиши иттилооти техникиро тавассути маслиҳатдиҳии ҳамкорони маҳалӣ оғоз намоед;
- Пайғомҳоро муҳокима намоед ва маводҳои пешниҳодшавандаро ба мутахассисони ОАХМ ва дигар барномаҳои амалиёти зидди минаҳо нишон диҳед;
- Агар пайғомҳо ва ё маводҳоро мард таҳия карда бошад, нуқтаи назари зан низ муҳим аст ва баръакс;
- Агар тағйиротҳо зарур бошанд, онҳоро амалӣ кунед ва баъдан ин фикрҳо/ пайғомҳо / ва ё маводҳоро бо шунавандагони мақсаднокатон аз санҷиш гузаронед, масалан, истифодаи формати МГФ ё мусоҳибаҳои гурӯҳӣ ё инфиродиро. Агар шунавандагони аввалинатон ҷавонони деҳаҳои дурдаст бошанд, пайғомҳоро бо тест бо ин ҷавонон гузаронед. Агар шунавандагони дуввуматон модарон ва ё муаллимони макотиб бошанд, пайғомҳоро бо тест бо ин ашхос гузаронед.

Агар зарур бошанд, тағйиротҳоро дар асоси ҷавобҳои шунавандагони мақсаднок амалӣ намоед ва ин ҷараёнро як бори дигар дида бароед.

Бо пайғомҳои аз санҷиш хуб гузашта, акнун шумо метавонед каналҳои истифодашавандаро интихоб намоед.

## . Интихоби ВАО

Ба шумо лозим аст усули муоширатро, ки барои шунавандагони мақсадноки шумо аз ҳама беш мувофиқанд ва шумо мехоҳед дастрасӣ дошта бошед, интихоб намоед. *Чӣ хел ва Чӣ* муошират мекунед ин вобаста аст ба шартҳои зерин: аз ҳолати махсуси шунавандагони шумо, аз дониши то ҳол доштаи онҳо, аз усули муоширате, ки онҳо дастрасӣ доранд ва сарчашмаҳои иттилоотие, ки онҳо боварӣ мекунанд ва муҳим мешуморанд.

Дар вақти интихоб намудани ВАО ва ё усули мувофиқ боварӣ ҳосил намо, ки одамоне, ки шумо ба онҳо муроҷиат карданӣ ҳастед :

> Ин ВАО ба онҳо дастрас бошад;
> Одамон онро бо осонӣ фаҳмида тавонанд;
> Ба он бовар кунанд;
> Ва ин ВАО барои пайғом мувофиқ бошад.

Мишай Виравайдҳайя, ки маъракаи банақшагирии оиларо дар Таиланд хеле бомуваффақият кор карда баромада буд, оиди интихоби ВАО як қоидаи муфиди муайянкуниро дошт. "Одамон мепурсанд, ки мо чӣ тавр муайян намоем, ки кадом ВАО ро истифода барем," вай мегуяд. "Ҷавоб оддӣ аст: агар он (яъне ВАО ) мавҷуд бошад ва қобили қабул бошад, мо онро истифода мебарем." Онҳо ҳатто пайғомҳояшонро дар қуттиҳои гугирд истифода мебурданд.

Шумо ҳамчунин бояд огоҳ бошед, ки такроркунии пайғомҳоятон барои муоширататон, ки ҷараёни органикӣ аст, муҳим аст. Одамон бо осонӣ метавонанд фақат як пайғоми "spreadshot" ? — ро аз даст диҳанд, ҳатто агар он дар тамоми усули мавҷуда истифода гардад. Агар шумо ба ин шӯбҳа дошта бошед, он гоҳ ба кори рекламаҳои ҳозиразамон назар кунед: пайғомҳои боқувват, оддӣ ҳамон қадаре, ки буҷеташон иҷозат медиҳад, ҳамон қадар зиёд такрор карда мешаванд.

Дар ҷараёни ноилшавии барнома ба муваффақиятҳо шумо ҳамчунин бояд *пайгомҳоятонро ба он мувофиқ* намоед. Пайғомеро, ки ба дили одамон задааст, онро маҷбуран таҳвил нанамоед. Пайғомҳоятонро чунон ба нақша дарserved, ки сикли барномаатонро дастгирӣ намояд: шумо бояд ҳамеша аз пайғомҳои "таъҷилӣ" оғоз намоед, вале баъдан равиши муоширататонро ба самти зерин равона намоед: "дар майдони минаҳо чӣ бояд кард", дар бораи нишонгузорӣ, тадқиқотгузаронӣ ва безарарсозӣ, дар бораи барқароркунии кишоварзӣ дар деҳаҳо, дар бораи хадамоти барқарорсозӣ, дар бораи диққати сиёсӣ ва иқтисодӣ ба манотиқе, ки зери хатари минаҳо қарор доранд .

Албатта ба шумо зарур аст, ки фаъолиятҳои марбут ба муоширататонро назорат намоед ва ва фикру мулоҳизотро истифода бурда, онҳоро бо мақсадҳои умумӣ мутобиқ намоед. Лекин ин айнан ҳамон корест, ки татбиқашон аз Менеҷерони барномаҳо дар дигар барномаҳо пурсида мешаванд. Вобаста ба фаъолиятҳои безарарсозӣ ва кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо, муошират дар барномаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ин як амали мӯҷизанок нест; ба вай фақат каме саъю кӯшиш,

захираҳо ва идоракунӣ лозим асту халос.

Дар зер баъзе маслиҳатҳо оиди нуқтаҳои назари ҷонибдорон ва ашхоси зидди ин усули мушаххас оварда мешавад.

**Муошрати байнишахсӣ**

Муошрати байнишахсӣ ин муошират дар байни одамон буда, яке аз воситаҳои аз ҳама самараноктарини мусоидаткунӣ дар самти тағйирдиҳии рафтор мебошад. Вақте ки чунин муошират бомуваффақият амалӣ мегардад, вай метавонад иттилооти қиммати мувофиқро бо эътимоди қавӣ ва имконият пешкаш намояд, то ки мавзӯъҳои шахсӣ ва ҳассосро муҳокима намоянд ва фикру мулоҳизоти таъҷилиро оиди ақидаҳо, пайғомҳо ва таҷрибаҳо иҷоза диҳад. Муошрати байнишахсӣ ин усули асосии мо дар самти омӯзиши расмӣ, ғайрирасмӣ буда, ҳамчунин воситаи хубе барои ашхоси алоҳида ва сокинони деҳот оиди ташвиқи малакаҳои нав ва кӯмакрасонӣ ба онҳо мебошад, ки онҳо дар фаъолиятҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо ҷалб гарданд.

Маҳдудиятҳо дар муоширати байнишахсӣ ин моҳиятан вақти бештарро талаб менамояд, бо хароҷоти калон ба ҳар шахс/тамос; вай танҳо ба шумораи ками ашхос дастрасӣ дорад; ва малакаҳои омӯзишии амалиро талаб менамояд ва кормандони саҳроиро дастгирӣ менамояд.

Муошрати байнишахсӣ намудҳои гуногунро дар бар гирифта метавонад. Баъзе намудҳои аз ҳама муфидтаринаш дар самти огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина зеринҳо мебошанд:

- Дастрасӣ ба деҳот доштан (Community outreach), ки метавонад ҷаласаҳо ва семинарҳои бо гурӯҳҳои деҳот марбутро дар бар гирад;
- Муҳокимаҳои минаҷӯён бо аҳолии деҳот оиди хатари минаҳо;
- Муҳокимаҳои ҷабдидагони мина оиди эҳтиёҷоташон барои ОАХМ;
- Муаллимони мактаб, кормандони тандурустӣ ва роҳбарони маҳалӣ бо мактаббачагон ва аҳолии деҳа фаъолиятҳои ОАХМ баргузор менамоянд;
- Менеҷерони барномаҳо дар байни сиёсатмадорон ва роҳбарон оиди дастгирии барномаҳои ОАХМ ташвиқот мебаранд .

(нигаред ба банди 7. Ҳамроҳшавӣ ба ВАО.)

**" ВАОи хурд "**

Қудрати ВАОи хурд дар он аст, ки вай дар шакли такроран истифодашаванда иттилооти дақиқ ва стандартиеро, ки дар семинарҳо, муҳокимаҳо ва омӯзишҳо чун воситаи аёнӣ истифода бурда мешаванд, пешкаш мекунанд. Онҳо диққатро ҷалб менамоянд ва метавонанд ба манотиқе, ки ВАО дастрасӣ надорад, ирсол карда шавад. Лекин аксар вақтҳо, ВАОи хурд дар алоҳидагӣ аз дигар фаъолиятҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо амал мекунад ва дар натиҷа ба шунавандагони мақсаднок таъсири кам мерасонад.

Тадқиқотҳо дақиқ нишон доданд, ки истифодаи плакатҳо, брошураҳо ва флипчартҳо маҳдуд аст. Истеҳсоли онҳо ва тақсимкунии онҳо қиммат буда, муҳлати истифодаашон дароз нест ва барои дизайни самаранок ва истеҳсол омӯзиш зарур аст.

**Интихоби ВАО**

Омӯзиш инчунин барои самаранок истифодабарии онҳо зарур аст. Гарчанде таҷриба нишон медиҳад. Аксар вақтҳо онҳоро барои он истифода мебаранд, ки нишон диҳанд, ки барнома "кореро анҷом дода истодааст".

Плакатҳ о дар назар хуб намуданашон низ мумкин аст, вале... ба шумо лозим аст, ҳадди аққал, аз муоширати самаранок барои рушд, махсусан дар байни камбизоатон ва онҳое, ки малакаҳои маҳдуди дониш доранд, огоҳ бошед.

Агар ба шумо истифодаи плакатҳо, брошураҳо ва флипчартҳо зарур бошанд, онҳо бояд мақсади мушаххас дошта бошанд ва эҳтиёткорона ба фаъолиятҳои муошират ворид карда шаванд. Онҳоро метавон чунин таҳия намуд, ки ба пайғоми асосӣ мусоидат намоянд ва ба он пайғом огоҳкунандаи доимӣ шавад. Ва ё онҳоро чунин таҳия намудан мумкин, ки дар ҷараёни муошироти байнишахсӣ фаҳмидани онро осон намояд. Бинобар сабаби он, ки истеҳсоли флипчартҳо ва дигар воситаҳои айёнӣ баланд шуданашон мумкин аст, бинобар ин чунин фикр ҳаст, ки намунае таҳия намудан лозим аст, ки барои як қатор гурӯҳҳои этникӣ ва ҳолатҳо истифода шаванд. Инҳо бояд ба вазъи маҳал мувофиқ кунонида шаванд, то ки самаранок шаванд.

**ВАО — и анъанавӣ**

Сафарҳои гурӯҳҳои театрӣ аксар вақтҳо дар барномаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо истифода бурда мешаванд. Вақте ки ин сафарҳо бомуваффақият сурат мегиранд, театр низ самаранок шуда ҳиссагузор хоҳад шуд. Дар Косово, масалан, инструктори собиқи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар оид ба огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо, ки аз руи касбаш ҳунарманд аст, бомуваффақият варианти Райдинг Ҳуди сурхи хурдакакро (Little Red Riding Hood, ки дар ватани худ машҳур аст) ба песаи кӯдаконаи марбут ба огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо таҳия дод. Дар ҳолатҳои дигар, чунин як равияе аст, ки таркиши минаро ба маъракаи мазҳакавӣ, ба фарс табдил медиҳанд. Лозим аст, ки дилсузӣ ва доварӣ машқ карда шавад.

Қудрати ВАОи анъанавӣ дар он аст, ки вай диққати одамонро ба худ ҷалб ва онҳоро дилхӯш карда метавонад. ВАОи анъанавӣ пайғомҳо ва вазъиятҳоро дар матни шинос мегузорад, жаргон ва лаҳҷаи маҳалиро истифода мебарад, кормандони варзидаи маҳалиро ба кор мегирад ва ҷомеаро ҷалб менамояд, яъне чунин қудрате дорад, ки бе хароҷот ва ё бо хароҷоти хеле кам худмаблағгузорӣ менамояд. Онҳоро метавон истифода бурд, то ки иттилоот ва муносибатҳои нав пешкаш гарданд ва дар байни оилаҳо, дӯстон ва ҳамсоягон дар деҳот муҳокимаҳоро оиди огаҳонии аҳолӣ аз

хатари минаҳо бедор намояд.

ВАОи анъанавӣ ҳамчунин метавонад, ки ба мавзӯъҳое дахл намояд, ки бисёр ҳассос ҳисоб мешаванд. Масалан, гурӯҳҳои анъанавии драмавӣ ва лухтакӣ бомуваффақият таҷрибаи алоқаи ҷинсии бехавф ва мушкилоти суъистифодаи кӯдаконро дар барномаҳои HIV/AIDS муҳокимаронӣ намуданд. Дар ОАХМ, драмаро барои ташвиқи кӯдакон дар дастгирии якдигарашон дар рафтори бехавф аз минаҳо истифода мебаранд.

Лекин, мисли ВАОи хурд, ВАОи анъанавӣ ба як гурӯҳи нисбатан хурд дастрасӣ дорад ва кафолатдиҳӣ ва назорати мунтазами дақиқии пайғомҳо, махсусан тавассути фарқиятҳои забонӣ ва маданӣ мушкил аст.

**Пахши намоишҳои ВАО**

Агар шумо нақша доред, ки дар пешкаш намудани пайғомҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо радио ва телевизионро истифода баред, қоидаҳои зерини умумиро аз хотир набароред:

- Иттилоотро кутоҳ ва мушаххас кунед— шунавандагонатонро бо иттилооти аз ҳад зиёд роҳгум наандозед;
- Забони содаи оммафаҳмро истифода баред;
- Машваратҳои мушаххаси амалӣ пешкаш намоед;
- Иттилоотро мантиқан ва дақиқ таҳия намоед; ва
- Иттилоотро такрор намоед.

Агар захираҳо маҳдуд бошанд, фаромӯш накунед, ки эҳтимол аст, ки одамон тайёранд хабари кутоҳи варзиширо гуш кунанд назар ба муҳокимаронии 30—60 дақиқагӣ оиди барномаҳои  минаҳо/муҳимоти нотаркида. Шояд шумо пахши мавҷҳоро маҷонӣ гиред; агар не, барои радио ва ТВ—и маҳалӣ таҷҳизот пешкаш намоед, то ки онҳо иқтидори худро таъсис диҳанд.

Барои барномасозии ОАХМ аз тариқи радио ва ТВ вариантҳои гуногуни имконпазир мавҷуданд, ки дар зер чанде оварда мешаванд:

**Реклама:** 30 сония — 2 дақ.

Диалог ва ё интервюеро истифода баред, ки дорои як пайғоми кутоҳ бошад ва як навои мусиқӣ навохта шавад. Наттоқ дар охир бо ягон ҷумла онро тақвият диҳад.

**Мини - драма:** 1 дақ.— 3 дақ.

Як пайғоми асосӣ ва якто иловагӣ барои ду—се қаҳрамон ба нақша гиред. Иттилооти аз ҳад зиёдро ворид накунед.

**Интервю :** 2 дақ.— 5 дақ.

Пайғомҳое, ки шумо пешкаш карданӣ ҳастед: – онҳо набояд аз ду се пайғоми асосӣ зиёд бошанд ва наттоқ онҳоро дар охир бояд такрор намояд.

**Филмҳои бисёрсериягӣ**

Дар чунин филмҳоо мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва тандурустӣ ҷойгир кунонида мешаванд, ки онҳо бисёр талабгорони зиёд доранд. Вазифаи шумо ин навиштани сенария нест, балки ба коргардонҳо оиди мавзӯъ ва намуди рафторе, ки ба барномаи шумо лозим аст, мухтасар иттилоъ додан аст.

---

**Маслиҳат:**

Агар шуморо барои додани интервю ба ТВ даъват намоянд:

> Ба дастгоҳи камера ва ё саволдиҳанда нигоҳ кунед.
> Худро ором нигоҳ доред: ин тараф — он тараф наҷунбед.
> Шухӣ накунед.
> Либосҳои клеткадор не, балки куртаи кабуд пушед.
> Рӯйхати фаъолиятҳои аз 3 — 5 қисм иборат бударо тартиб диҳед, ки шумо нақшаи анҷомдиҳии онро доред ва кӯшиш намоед, ки онҳоро анҷом диҳед.

**Интихоби ВАО**

***Радио***

Шояд радио воситаи аз ҳама фаромӯшшуда дар барномаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо бошад. Ба ин нигоҳ накарда, вай назар ба дигар намудҳои ВАО аудиторияи калонтар дорад: дар кишварҳои тараққикарда ба ҳар 1000 нафар 94 радио рост меояд— дар муқоиса бо ТВ ва газета ин даҳ бар як аст. Азбаски минаҳо ва маводҳои нотаркида дар деҳоти дурдаст ошкор мегарданд, бинобар ин имкониятҳои дастрасии радиоро аниқ намоед.

Радио дар асоси анъанаҳои даҳонӣ асос меёбад ва таҳияи барномаҳо арзон ва босуръат мебошанд. Радиогушкунӣ ин аксар вақт фаъолияти гурӯҳӣ аст, ки дар анҷоми шунавонидани барнома мавзӯъҳои омӯзишӣ муҳокима мегарданд. Дар ҷараёни тағйирёбии рафтор ин зинаи муҳим мебошад.

Аз дигар тараф, радио одатан на ба омӯзонидани малакаҳои нав мувофиқ аст ва дар баъзе миллатҳо, на ба иттилооти ҳасоснок. Лозим аст, баъзе аз пайғомҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо муҳокима карда шаванд ва баъдан намоиш дода шаванд. Баъзе мавзӯъҳои бештар ҳасос бояд тавассути ВАОи анъанавӣ расонида шаванд. Лекин иттилооте, ки тавассути сафарҳои гурӯҳҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо, муаллимони мактабҳо ва семинарҳо амалӣ мешаванд, бояд мунтазам тавассути радиои маҳалӣ, ТВ ва дигар васоит тақвият дода шаванд.

***Газетаю журналҳо***

Газетаҳо дар бисёр кишварҳои рушдкарда ба табақаи маълумотдор ва элита равона шудаанд. Дар назар чунин менамояд, ки дар муқоиса ба радио, ТВ ин воситаи зудтар дастрасшаванда ба оммаҳо нест. Лекин газетаҳо ва журналҳо чунин

бартарие доранд, ки василаи бештар давомкунанда буда, иттилооти зиёдтарро дар бар мегиранд ва аксар вақт назар ба дигар намуди ВАО таъсирноктар мебошанд. Дигар намудҳои ВАО асосан ба иттилооти дар усулҳо пайдошуда такя мекунанд.

Газетаҳо ва журналҳоро ҳамчунин барои гурӯҳҳои мақсаднок истифода мебаранд— масалан, маводҳое, ки муаллимон дар синфҳояшон истифода мебаранд ва ё пешниҳодҳои кормандони саҳроӣ барои муҳокима. Ҳамчунин мақолаҳои тахассусиро, ки бо осонӣ ба шунавандагони мақсаднок, ашхоси низомӣ, тарғиботчиён, духтурон, мақомоти ҳукуматӣ ва кишоварзон мерасанд, фаромӯш накунед.

*Интернет*

Мо бояд ҳамчунин саҳми Интернетро чун воситаи пурарзиши муошират, ки ба одамон тавассути почтаи электронӣ дастрас аст ва ҳам аз вебсайтҳо иттилооти пурра пешкаш менамояд, эътироф намоем. Бори дигар такрор карданӣ ҳастем, ки қоидаи асосии муошират чунин аст: дар пешкаш намудани иттилоот мухтасар бошед, фаҳмою равшан ифода намоед, онро мураккаб нагардонед ва иттилооти тозатарин (охирин) бошад. Дар вебсайти Интернет иттилооти зиёд оиди огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо мавҷуд аст: барномаҳои хуби муошират онро ошкор менамоянд ва онро на танҳо барои шунавандагони мақсаднок, ҳамчунин барои омӯзишҳои идомаёбандаи кормандони барнома ва дигар шарикон истифода бурдан мумкин аст.

Кӯшиш намоед, ки шумораи зарурии иттилоот ва маводҳоро аз тамоми ВАОи мавҷуда дастрас намоед. Муошırати хуб ин илм оиди ракета нест: шумо бояд тарзи ташкилкунии он ва муносибат бо " тарғиботчиён "ро аз худ намоед.

**Маслиҳат**

Усули ба иштирокчиёни барнома дастрас ва мувофиқро интихоб намоед. Масалан :

- Пайғомҳои радиоӣ ба он каналҳои радиоӣ, ки иштирокчиёни барнома асосан дар вақтҳои муқараргардида гуш мекунанд, бояд ба нақша гирифта шаванд.
- Маводҳои чопшаванда, ҳатто бе матн, бояд фақат барои иштирокчиёни босавод ва дорои саводи миёна, ки ба омӯзиш тавассути маводи хаттӣ ва айёнӣ шиносанд, чоп карда шаванд.
- Муоширати байнишахсӣ бояд аз ҷониби онҳое амалӣ карда шавад, ки одамон онҳоро ҳурмат мекунанд ва дорои эътимод мебошанд.

# 7. Воридкунонии ВАО

ВАО чунин иқтидоре дорад, ки пайғомро ба аксари одамон зуд мерасонад ва мунтазам такрор карда мешавад. Ба баъзе шаклҳои ВАО доштани малакаи хониш лозим нест, чунки дар деҳоти дурдаст сатҳи саводнокӣ паст аст.

Дастрасӣ ба ВАО дар баъзе манотиқ, махсусан дар деҳоти дурдаст, имкон надорад. Ин, аз ҷумла, радиоро низ дар бар мегирад, чунки рисиверҳо батарейка талаб мекунанд, ва радиоро фирмаи BayGen дар Африкаи Ҷанубӣ истеҳсол мекунанд ва қисматҳои сӯҳбатии вай чунин таҳия гардидаанд, ки аз қувваи офтоб заряд мегиранд.

Вай ҳамчунин барои гурӯҳҳои махсуси барномаҳои дӯзандагии ВАО мушкил аст, ки фикру мулоҳизотро пешкаш намоянд. Дар ин самт монеаҳои забонӣ ва масъалаҳои дигаре, ки онҳоро ҳал кардан зарур мешавад, эҳтимол пеш оянд, кормандони маҳаллии ВАО дар ин кор масъул бошанд. Лекин дар ВАО "усулҳо"—и зиёде мавҷуданд, ки онҳо ташнаи нақл ва фикрҳои барномаи мебошанд. Аз ҷониби барномаи муошират ин усулҳо ошкор хоҳанд гардид.

ВАО усули ғайри мустақим ва яктарафаи муошират мебошад ва имконият надорад, ки масоили фаҳмиданашаванда ба тарзи оҷилӣ шарҳ дода шавад. Лекин усулҳое мавҷуд ҳаст, ки ВАОро бештар интерактивӣ мегардонад.

Шумо метавонед дар байни ВАО ва шунаванда / хонанда / тамошобин ба усули зерин диалог ташвиқ намоед:

- Мусобиқаҳо (бо тӯҳфаҳо, ба мисли футболкаҳои ОАХМ, сумкаи мактабӣ ва лавозимоти офис);
- Мусоҳибаҳои радиоӣ бо барнома (албатта барои ин дастрасӣ ба телефон мавҷуд бошад);
- Номаҳо ба газета;
- Радиои деҳа (дастрасӣ нисбатан осон аст, стансияаш наздик ва мавҷи радио шояд озод аст).
- Кор бо рӯзноманигорон

Кормандони соҳаи рушд, одатан дар сохторҳои бюрократӣ кор мекунанд ва бояд ташвиқ карда шаванд, ки бо усулҳо сару кор гиранд. Вақте ки шумо ба он даст задед, дигар ин вазифаи ғайриимкон нест.

Вазифаи рӯзноманигорон пешкаш кардани хабарҳо аст — ва мина ва муҳимоти нотаркида бешӯбҳа ин хабар аст. Ба тарсу ваҳми муошрати "бенақша" нигоҳ накарда, шумо бояд ба рӯзноманигорон чун дӯст ва шарик муносибат намоед. Ва агар ба шумо рӯзноманигори таҷрибадор афтида монад (ҳамаи онҳо мушоҳида мекунанд, ки дигарон бо чӣ кор машғуланд), иттилоот оиди барномаи шумо чунин самаранок ва васеъ паҳн мешавад, ки шумо шояд тавассути барномаатон ба ин

комёбиҳо ноил гардида натавонед.

Рӯзноманигорони серкор мӯҳлат доранд. Агар онҳо донанд, ки шумо ягон иттилооти ба онҳо заруриро доред, онҳо барои ин вақт мeёбанд. Ин талаб менамояд, ки шумо худатонро дар ҷойи онҳо гузоред ва муносибататонро мутобиқан тайёр намоед.

Оиди кор кардан бо ВАО чор принсипи умумӣ мавҷуд аст, ки дар вақти тайёр кардани прес релизҳо ба кор меоянд:
- Шавқовар будан!
- Мувофиқ будан!
- Мухтасар будан!
- То ҳадди имкон бовиҷдон будан!

### МАСЛИҲАТ

**Ҳатто агар радио ва ТВ шабакаҳои ҳукуматӣ бошанд ҳам, асоси зиёде мавҷуд аст, пешниҳод кунем, ки мо ба тарзи систематикӣ қобилияти тамошобинон/шунавандагонро аз будаш кам баҳо медиҳем ва фаҳмида гирем; чӣ иттилооти арзишнок аст ва чӣ ташвиқот. Кӯшиш намоед аз танқиди ҷойгир кунонидани иттилоот оиди минаҳо ва маводҳои нотаркида дар дилхоҳ барнома ва реклама раҳо ёбед ва диққататонро ба додани иттилооти амалӣ равона намоед.**

### Аспектҳои хабарӣ ба мушкилоти минаҳо

Албатта барои диққати рӯзноманигоронро ҷалб намудан шумо наметавонед гаштаю баргашта фақат як масъаларо ба онҳо пешкаш намоед. Дар мушкилоти минаҳо қисматҳои зиёде ҳаст, ки ВАО ро ба он ҷалб кардан мумкин аст. Дар хотир нигоҳ доред: фикркунии ҳаматарафа қиммат нест, ба барнома даровардан низ. Фақат якчанд қисмати мушкилоти минаҳо мавҷуд ҳаст, ки диққати ВАОро ба он ҷалб кардан мумкин аст:
- Намудҳои минаҳо/муҳимоти нотаркида ва минтақаҳои зери хатари минаҳо қарордошта ;
- Хароҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳитии минаҳо;
- Минаҳо чӣ тавр безарар карда мешаванд ;
- Фаъолиятҳои Маркази безарарсозии минаҳо ;
- Усули барқарорсозӣ ва ҳамгироӣ;
- Рафтори бехавф аз минаҳо ва эҳтиёҷот ба ҳисоботдиҳӣ оиди минаҳо/муҳимоти нотаркидаи ошкоргардида;
- Қонуни байналмилалӣ оиди минаҳои заминӣ ва сиёсати ҳукуматӣ;
- Маҷрӯҳи мина будан чӣ эҳсосот дорад ;
- Шумораи қурбониён ва маҷрӯҳони минаҳо;
- Мушкилоти глобалии минаҳо ва равияҳои оянда
- Рӯзи байналмилалии минаҳо .

Шумо бояд кӯшиш намоед, ки *манбаи иттилооти "асосӣ"* чун василаи иттилооти

умумӣ ҷамъ кунед. Шумо онро метавонед ҳам барои брифингҳои меҳмонон ва донорҳо ва ҳам барои пешкаш намудан ба ВАО истифода баред. Дар ин манбаъ шумо иттилооти зеринро метавонед ҷой диҳед:

- Шарҳи умумӣ оиди фаъолиятҳои барномаи шумо. (Хулосаи мухтасари ҳуҷҷати барномавӣ ин барои шиносоӣ хуб аст). Агар мавод аз ду - се саҳифа зиёд бошад (800-900 калима), онро ба ду-се ҳикояҳои алоҳида ҷудо намоед.
- Иттилооти омории ҷамъбастӣ ва шарҳи мухтасари дастовардҳои барнома.
- Эзоҳ оиди идоракунии барнома, шарикони асосӣ киҳоянд ва сохтори маблағҷудокунӣ чӣ тавр аст.
- Шаш— ҳафт сурат, графика ва ё харита барои нишон додани фаъолиятҳои гурӯҳҳои безарарсози минаҳо дар кишвари шумо, намудҳои муҳимоти нотаркида мавҷуда, харитаҳои қитъаҳои корӣ, директори барнома ва ё кормандони асосии барнома.
- Нишониҳо, рақами телефон ва ё имейли ашхосе, ки дар оянда барои иттилооти бештар ба тамос баромадан мумкин аст.
- Ягон клипҳои хуби ба наздикӣ сабтшуда оиди барнома.

Дар хотир доред, ки ВАО мекӯшад бо мафҳумҳои ғайрирасмӣ ва инсонӣ муоширaт намояд — чунки ин усул назар ба жаргонҳои техникии дароз хубтар аст. Бинобар ҳамин онҳо оиди ҳикояҳо нақл мекунанд. Бинобар ҳамин ба онҳо ситата ва расмҳо лозим аст, то ки дар хабарҳо сурати рӯи одамонро гузоранд. Аз ин сабаб, кӯшиш намоед, ки маводатонро шакли ғайрирасмӣ ва инсонӣ ба нашр диҳед: кӣ ба кӣ гап зада истодааст , ном ва вазифаи одамонро қайд кунед, бо забоне, ки бо дӯстонат гуфтугӯ мекунӣ, бо ҳамон гап бизан. Бо як сухан; Одам бош!

Вақте ки ба барномаатон меҳмонҳо доред, қаблан ВАОро иттилоъ бидеҳ. Агар тавонед, ВАОро даъват намоед, ки дар сафаратон ҳамроҳ гардад ва ё аққалан бо онҳо мусоҳиба ташкил намоед.

### Бартараф намудани муошрати "ғайринақшавӣ"

Якчанд ташвишхо оиди муоширати "ғайринақшавӣ" мавҷуд ҳаст. Оё ВАО далелҳояшро нодуруст ҷамъоварӣ менамояд? Оё вай дар бораи рафтори бехавф аз минаҳо иттилооти нодуруст пешкаш мекунед? Оё ВАО мавзӯъҳоро воҳима мекунад, ки одамон ба талвоса ва тарсу ваҳм афтанд? Оё мақолаҳои рекламавӣ ташкилотҳоро бо ҳукумат ба низоъ намеоварад ? Оё ВАО, тавассути тасвири ҷабрдидагони минаҳо чун дуздон ва гадоҳо, нобоварии маҷрӯҳони минаҳоро ба миён намеоварад ? Инҳо хатарҳои доимианд, лекин метавонад тавассути барномае, ки иттилооти дақиқ ва мушаххас медиҳад, ба рӯзноманигорон оиди мавзӯъ маълумот медиҳад (шояд дар семинарҳо) ва дастгирии амалиёти зидди минаҳоро аз ҷониби ҳукумат таъмин менамояд, онҳоро коҳиш диҳад.

Лекин ҳатто агар ВАО далелҳоро дақиқ ҳам гирад, боз чунин хатаре мавҷуд ҳаст, ки шунаванда ва ё тамошобин барномаи радио ё ТВ ро бо чунин усуле шарҳ диҳад, ки ӯ чунин ният надошт. Имкон надорад, ки ин хатарро решакан намуд, гарчанде пайғомҳои пинҳонии ниятнадошта одатан имкон доранд, ки тавассути нишондиҳии

сенария ба одамони дигар ва ё санҷиши пешакӣ, аз ҷумла, агар мумкин бошад бо маҷрӯҳони минаҳо ва маводҳои нотаркида, сарфи назар карда шаванд.

Қоидаи тиллоӣ чунин аст: аз ВАО натарсед. Агар шумо бо онҳо вақтро гузаронед, шумо қариб ки мунтазам ҳис хоҳед намуд, ки онҳо дар тарафи шумоянд. Ва рӯзноманигори дӯст қувваи бузург аст.

Бе таваккал муошират вуҷуд надорад, лекин мо дар якҷоягӣ метавонем, ки ин таваккалҳоро дар ҳадди ақкал нигоҳ дорем.

### Муошираткчии (сӯҳбаторои) хуб будан

Муошираткчии хуб будан малакаҳои махсусро талаб мекунад. Баъзе малакаҳоро омӯхтан мумкин аст, баъзеашро не. Баъзе муошираткчиён табиатан назар ба дигарон муошираткчӣ ва ё муаллими беҳтаранд, лекин ҳамаи мо ин корро карда метавонем.

Барои муошираткчии хуб шудан малакаҳои зеринро доштан зарур аст:

- Гуш  кардан ба он чӣ дигарон мегуянд — бисёр вақтҳо ин шавқовар аст.
- Бо забоне, ки онҳо мефаҳманд ва худашонро озод ҳис мекунанд, сухан ронед — луғот ва иқтибососоти ғайриоддиро истифода набаред.
- Овозатонро ба як оҳанги дӯстона ва ба он маданият мувофиқ талаффӯз намоед, масалан, дар баъзе миллатҳо бо овози баланд гап задан дағалӣ ҳисоб мешавад.
- Муҳити дӯстона ташкил намоед, ки ҳар кас худро озод ҳис намояд ва ё имконияти суханронӣ дошта бошад.
- Муҳити муҳокимарониро ташвиқ намоед, назар ба хондани лексия.
- Ба занҳо барои ширкат дар муҳокимаҳо ва ё омӯзиши рафтори нав имконият диҳед.
- Агар ба он фарҳанг мувофиқ бошад, дар болои пол, замин ва ё дар курсӣ нишинед; вақте ки дигарон нишастаанд, рост наистед.
- Аз ҳолати одамони деҳа бохабар бошед.
- Агар шумо флипчарт, плакат ва ё модулҳои рафтори бехавф аз минаҳоро истифода баред, таъмин намоед, ки ҳар як кас имкони дидан ва шунидан дошта бошад.
- Иттилооти худро бо усули гуногун такрор намоед.
- Агар шумо муошираткчии дилпур бошед, таъмин намоед то маводҳои кумаккунандаи шумо ёрӣ дода тавонанд.
- Мисли дигар усули муошират онро нисбатан кутоҳ нигоҳ доред, иттилооти аз ҳад зиёд пешкаш накунед ва дароз гап назанед. Фактҳои асосиро такрор намоед.

Калид дар ин ҷо низ ихтирокорист.ва дар хотир нигоҳ доред: фасилитаторҳо ва инструкторони маҳалӣ бояд ба дараҷаи баланд ҳавасманд бошанд — ва зери назорат бошанд — агар дар назар бошад, ки онҳо барои муддати дароз масъули огаҳонии

аҳолӣ аз хатари минаҳо мебошанд.

**Бартариҳои ташвиқот (адвокаси)**

Адвокаси ин муошират дар сатҳи олии роҳбарӣ аст, ки мақсадаш таъсиси дастгирии молиявӣ, маъмурӣ ва шахсӣ барои ОАХМ мебошад. Ин метавонад тағйиротҳоро дар сиёсати ҳукуматӣ ва ё қонунгузорӣ ё ҷудокунии маблағ ба ОАХМ дар бар гирад. Роҳбарони сиёсӣ ва динӣ метавонанд кӯмак намоянд, ки муҳите таъсис намоянд, то ки ба рафтори бехавф аз минаҳо мусоидат намояд.

Адвокаси одатан дар шакли як ба як ва ғайрирасмӣ сурат мегирад. Ташвиқотчии Огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина бояд менеҷер ва ё директор барнома бошад, ва ё ягон нафар дар сатҳи баланди МАЗМ. Ташриф ба назди ягон шахси машҳури байналмилалӣ, ки дар ОАХМ фаъол аст ва ё роҳбарони сиёсии байналмилалӣ, ки дар огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина рағбат доранд, метавонанд дар ташвиқи роҳбарони миллӣ ва байналмилалӣ истифода бурда шаванд.

Ба ташвиқотчиён лозим аст оиди вазъи огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина дар кишваратон хуб огаҳ бошанд; мақсадҳои барнома кадомҳоянд ва кадом фаъолиятҳоро анҷом дода истодааст. Онҳо оиди роҳбароне, ки бо онҳо вохӯрданианд, мушаххас иттилоъ дошта бошанд ва малакаҳои хуби муошират дошта бошанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ онҳо бо воситаҳои хуби айёнӣ, ки ба маданият ва ҳолати шахсе, ки онҳо нақшаи вохӯрӣ бо ӯро доранд, бояд дастгирӣ карда шаванд. Онҳо вомехӯранд ва тавсияҳои дақиқ пайдо мекунанд, ки сарварӣ чӣ кор карда метавонад, ки ба ОАХМ кӯмак намояд.

Ба атрофии худ нигаред: бинед, ки чӣ тавр ташкилотҳои дигар нуқтаи назари худро асоснок мекунанд. Аксари созмонҳои СММ ва ТҒДҳои байналмилалӣ оиди стратегияҳои таблиғот (эдвокаси) ва фаъолиятҳои муошират мисолҳои хуб пешкаш мекунанд, ки шумо метавонед ба барномаи худ огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо мутобиқ намоед.

*"Агар гуем, ки вазифаи рӯзноманигор ин сабт намудани далелҳо аст, ин монанди он аст, ки вазифаи архитектор гузоштани хишт аст — ҳақ, лекин мақсади асосиро нодида мегирем. Вазифаи ҳақиқии рӯзноманигор, маҳорати талабшавандаи ӯ ин таъсиси шавқу рағбат аст.*

*... Бо ҳамаи ин гуфтанӣ нестем, ки рӯзноманигор ҳар вақте, ки ноҳақ аст нисбати он чӣ мебинад. Вай дар баробари ҳақпарастӣ бояд шавқу рағбат таъсис диҳад, чӣ тавре ки архитектор бояд формаҳои зебое эҷод намояд, ки боронро ба дохили бино роҳ надиҳад.*

*Николас Томалин*

## 8. Ба пеш, муошират !

Бо пайғомҳо, маводҳо ва шунавандагони шумо, ки аз тадқиқоти хуб ба даст оварда мешавад, акнун вақти муошират расидааст. Тамоми муошират ин таваккал аст, лекин месинҷер (хабаррасон) кушта намешавад, тавассути тайёрии махсус шумо хатарро кам кардаед. Шумо эҳтимол аз он лаззат бурданро оғоз намуда бошед.

Дар зер якчанд мулоҳизоти марҳум Уилбур Шрам, профессори маъруфи амрикоӣ оварда мешавад, ки кадом омилҳо ба кампанияи хуби муошират мусоидат мекунад:
,

- Ҳар як маъракаи самаранок аз се қисмати зерин иборат аст: хадамот ва тамоси шахсӣ, барномаи васеи дастгирикунанда ва омӯзиш
- Агар имконпазир бошад, усули аз ҳама самараноки маъракаи иттилоотӣ ин ташрифҳои хонагӣ аз тарафи кормандони варзида ва ҳавасмандшудаи барнома
- Кормандони саҳроӣ аз дигар каналҳои иттилоотӣ ва боваркунонӣ ба дастгирӣ эҳтиёҷ доранд.
- Усули аз ҳама самараноки зидди овозаҳои номувофиқ баромадан исбот намуданд:
    (a) ошкоркунии пурраи фактҳо аз аввал,
    (b) идома додани иттилоот ба ашхоси варзида, ва
    (c). назорати пайваста

**Бовар кардан ба он, ки ҳама корҳо хуб аст**

Адбатта, ба шумо лозим аст донед, ки ташаббуси муоширати шумо то кадом дараҷа бомуваффақият буд. Масалан, шумо донистан мехоҳед, ки:

- Оё пайғом дуруст аст?
- Оё он ба ашхоси мувофиқ равона шудааст?
- Кадом одамон рафтори бехавф аз минаҳоро қабул намуда истодаанд?
- Бо гузашти вақт, ҳатто бе маъракаи муошират фоизи ашхосе, ки аз иттилооти аввалиндараҷаи хатари минаҳо огоҳ бошанд, "ба таври табиӣ" хоҳад афзуд;
- Худи безарарсозии минаҳо, новобаста аз дигар фаъолиятҳо, хатари ҳодисаҳои таркишро кам менамоянд;
- Ҳаракати аҳолӣ метавонад миқдори ҳодисаҳои таркишро кам ва ё зиёд намояд; ва
- Корҳои саҳроии мавсимӣ ба хатар ва эҳтимолияти ҳодисаҳои таркиш таъсир расонад.

Ҳамин тавр дар бораи нишондиҳандаҳои мувофиқи муваффақият фикр кунед. Шояд зиёдшавии шумораи ахбороти шаҳрвандон оиди ошкоркунии минаҳо/ муҳимоти нотаркида? Эҳтироми афзуншуда дар нисбати нишонаҳои огоҳкунандаи минаҳо ? Тағйирот дар муносибат ба ҷабрдидагони минаҳо ?

Дар бораи назораткунӣ ва арзёбӣ сӯҳбат намудан кори маъмулӣ аст (гарчанде ки воқеан хеле камтар назораткунӣ ва арзёбӣ сурат мегирад, новобаста ба он, ки онҳо қисмати ҷудонашавандаи ҳар як барномаи хуб аст). Назораткунӣ ин маънои баҳодиҳии дастовардҳои барномаро дар ҷараёни фаъолиятҳояш дорад. Арзёбӣ ин ченкунӣ ва баҳодиҳии тағйирот дар усули системавист, ки дар баровардани қарор ва таҷрибаи оянда кӯмак менамояд. Дар бисёр бахшҳо онҳо якдигарро мепушонанд.

Дар барномаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минарҳо шумо мехоҳед назорат намоед, чӣ тавр пайғомҳои шумо тавассути усули гуногуни муошират пахш мегарданд. Оё пайғоми дуруст пахш гардидааст? Оё пайғоми дуруст қабул гардида истодааст? Агар ҷавоб ба саволи қаблӣ —« Ҳа» бошад, ҷавоб ба саволи баъдӣ —«Не» аст. Монеаҳо барои беҳтар фаҳмидан кадомҳоянд? Кормандони шумо бояд назоратро чун қисми асосии корашон қабул намоянд ва фикру мулоҳизоташонро ба шумо пешкаш намоянд, то ки хатогиҳо ислоҳ гарданд ва онҳо дарси ибрат шаванд. Ва агар дар ҳақиқат деҳа дар барномаи шумо бошад, аъзоёнаш бояд, ки ҳавасманд гарданд, то ки ба шумо оиди дастовардҳо — хуб ва ё бад — иттилоот диҳанд ва барои самтҳоиояндаи барнома саҳмгузорӣ намоянд.

Шумо бояд фаъолиятҳоятонро ҳар сол, дар байни санҷиши дохилӣ, аз тарафи кормандони худӣ, ва санҷиши байналмилалӣ, бо истифодаи мушовирони маҳалӣ ва байналмилалӣ тавассути усули баҳодиҳӣ, арзёбӣ намоед. Ин маънои онро дорад, ки шумо кӯшиш мекунед тағйиротҳоро дар дониш, рафтор, таҷриба ва боварии шунавандагони мақсаднокатон, ки дар натиҷаи муошират дар ОАХМ пайдо шудааст, санҷед ва арзёбӣ намоед.

Ҳамин тавр, тавассути баҳодиҳӣ таъсири барнома ба ҳайёти шунавандагони мақсаднок санҷида мешавад. Вай бояд натоиҷи мусбӣ ва манфии барнома, ҳам таъсири интизорӣ ва ғайриинтизориро муайян намояд. Ҳамон усулеро, ки шумо барои тадқиқот пеш аз банақшагирӣ ва татбиқи барномаатон истифода бурда будед, ҳамонро барои арзёбии таъсири он метавонед истифода баред — гарчанде ки шумо метавонед усулро дигар намоед ва, албатта, барои ҳар як арзёбӣ зиёда аз як усулро якҷоя намоед.

Масалан, баҳодиҳии радиосериали драмавии «Хонаи нав, Ҳаёти нав» дар тӯли мавҷудияти худ шаклҳои гуногуро гирифт ва дар якҷоягӣ тасвири пурратари таъсири барномаро назар ба дилхоҳ усул пешкаш намуд. Тадқиқотҳои миқдории шунавандагон (10,000 мусоҳиба) муайян намуд, ки шунавандагони мунтазам эҳтимол нисфи ашхоси маҷрӯҳшудагони (қурбониён) минаҳоро ташкил намуданд, гарчанде онҳо аз хатар бештар огоҳӣ доштанд. Тадқиқоти ибтидоӣ ва баъдӣ дар 300 оилаи се вилояти Афғонистон усули «наугад»—ро оиди намунаи маводи касетӣ истифода бурд, ки 12 саволи асосиро оиди пайғомҳо дар бар мегирифт ва дар се моҳи оянда дар намоиш дода мешавад. Баъди намоишҳо ҳамин саволҳо дар манотиқи ба он монанд аз одамони гуногун пурсида шуд ва натиҷааш чунин буд, ки шумораи ҷавобҳои дуруст аз 45 ба 80 фоиз боло рафт.

**МАСЛИҲАТ**

Осонтараш он аст, ки барнома ва ё маърака баҳо дода шавад ва агар мақсадҳо ва ишондиҳандаҳои вай аз оғозаш дуруст муайян гарданд ва асос барои баҳодиҳии оянда дар давоми тадқиқоти ибтидоӣ таъсис дода шавад.

**Ҳамин тавр, муоширaт, ба пеш !**

Дар хулоса, ва хушбахтона, дар зер 12 қадам ба самти муошироти самаранок аз Дастури саҳроии UNICEF оварда мешавад.

1. Дақиқ муайян намоед, ки шумо кадом рафторро пешгирӣ карданӣ ҳастед.
2. Дақиқ муайян намоед, ки шумо ба кадом гурӯҳи аҳолӣ таъсир расониданӣ ҳастед.
3. Пурсед ва муайян намоед, ки оё рафтори нав малакаи навро талаб менамояд ё на.
4. Дониш, ақидаҳо ва рафтори шунавандагони мақсаднокатонро омӯзед.
5. Муайян намоед, ки рафторе, ки шумо пеш гирифтанӣ ҳастед, оё ба деҳот алакай пешкаш гардидааст ё не.
6. Сарчашмаи иттилооти кунунии шунавандагони мақсаднокро таҳқиқ намоед.
7. Усулҳои муоширатро, ки аз ҳама бештар дар дастрас намудан ва тасир расонидан ба шунавандагони мақсаднок қодир аст, интихоб намоед.

*Танҳо ба як усули муошират такя кардан лозим нест. Ҳамеша усулу воситаҳои омехтаро истифода баред, то ки шунавандагони мақсаднок пайғомҳоро аз тамоми ҷонибҳо ва дар вариантҳои гуногун дастрас намоянд.*

8. Пайғомҳо оиди тандурустиро кор карда бароед, ки қисматҳои зеринро дар бар гиранд:
   - бо осонӣ фаҳмида шавад — забон ва лаҳҷаи маҳалро истифода баред
   - ба фарҳанг ва иҷтимоиёт мувофиқ бошад
   - амалӣ бошад
   - мухтасар бошад
   - мувофиқ бошад
   - аз нуқтаи назари техникӣ мувофиқ бошад
   - мусбӣ бошад.
9. Маводҳои омӯзишиатонро таҳия ва санҷед.

   Ва баъд маводҳоятонро пеш аз нашр ва тақсим кардан аз сари нав баррасӣ намоед.
10. Барномаатонро бо дигар хадамоти рушд ва тандурустӣ ҳамоҳанг намоед.
11. Арзёбӣ намоед, ки оё рафтори банақшагирифташуда амалӣ шуда истодааст ва ё не.
12. Пайғомҳоро баъди чандин сол такрор ва мувофиқ кунонед.

**Замимаҳо**

Замимаи 1: Тадқиқоти КАРВ
Замимаи 2: Дастур оиди муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ
Замимаи 3: Захираҳои интихобӣ
Замимаи 4: Иқтибосҳо аз Стандартҳои байналмилалии амалиёти зидди минаҳо (СБАМ)

---

## Замимаи 1.

## Тадқиқоти КАРВ

Тадқиқоти зерини КАРВ дар Еритрея таҳия гардидааст ва мутобиқ кунонида шудааст ва мо миннатдориамонро ба тадқиқотчиён баён менамоем.

**Саволномаи инфиродӣ**

**КАРВ оиди минаҳо ва муҳимоти нотаркида**

Номи саволдиҳанда: Таърихи рӯз:
Ташкилот :
Маҳал /деҳа: Зерминтақа:
Минтақа :

*Худро бо мусоҳибакунанда шинос намоед ва фаҳмонед: шумо кӣ ҳастед, дар кадом ташкилот кор мекунед ва мақсади гузаронидани ин иттилоот аз чӣ иборат аст.*

*Пеш аз ҳама, шумо якчанд иттилоотро оиди шахси интервюдиҳанда дастрас намоед. Фаҳмонед, ки тамоми иттилоот махфӣ аст ва номи вай пурсида намешавад.*

Сину сол: Ҷинс: Мард □ Зан □
Касб: Сатҳи дониш:

*Саволномаро худи ҳозир огоз намоед. Барои пур кардани вай аз дастурҳои овардашуда истифода баред. Дар ин аломатҳо □ , ҷавоби мувофиқро диҳед.*

1. Оё умуман дар бораи мина/муҳимоти нотаркида пеш аз ин шунидаед?
Ҳа□ Не □
Агар — «Ҳа», дар бораи онҳо чӣ гуфта метавонед?

2. Мина /муҳимоти нотаркида чӣ кор карда метавонанд?
*(Ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑ гузоред )*
Мекушад □
Маъюб мекунад □
Хеҷ чӣ намекунад □

Намедонам □
Дигар ҷавоб (аниқ кунед)

3. Дар куҷо эҳтимоли мавҷудияти мина/муҳимоти нотаркида зиёд аст?

Ҳандақҳо □
Хонаҳои партофташуда □
Дидбонгоҳҳои ҳарбӣ □
Купрукҳои вайроншуда □
Соҳили дарёҳо □
Нуқтаҳои об □
Ман намедонам □
Дигар ҷавоб (аниқ кунед)

4. Ҷойҳои мина /муҳимоти нотаркида дошта чӣ гуна нишонагузорӣ карда шудаанд? Бо аломатҳои зерин:

*(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑ гузоред!! )*

Нишонаи огоҳкунанда □
Байрақи сурх □
Банкаҳо □
Чӯбчаҳои крестгузошташуда □
Санги ҷамъкардашуда □
Расми калаи одам ва крестгузошташуда □
Сангҳои ранги сурхкардашуда □
Дигар ҷавоб (аниқ кунед)

5. Агар шумо минаро бинед ва дар ҷойи бехавф бошед, чӣ кор мекунед?

*(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑ гузоред!! )*

Ба қафо мегурезам/бармегардам □
Роҳамро давом медиҳам □
Рафта ба ҷӯраам/ҳамсояҳо мегӯям □
Рафта ба мақомот (пулис, армия) мегӯям □
Ягон хел карда ҷойяшро нишона мегузорам □
Минаро /UXOро ба мақомот мебарам □
Минаро /UXOро ба хона мебарам □
Ман намедонам □
Дигар ҷавоб (аниқ кунед)

6. Агар шумо фаҳмед, ки дар майдони мина ҷойгир шудаед, чӣ кор мекунед?

*(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑ гузоред!! )*

Меистам, ором шуда, ба ёрӣ даъват мекунам □
Ба ҷойи бехавф меравам □
Бо эҳтиёт, ба изи пойям қафо бармегардам □
Ман намедонам □
Дигар ҷавоб (аниқ кунед)

7. Агар шумо рафиқ ва ё аъзои оилаатонро дидед, ки дар майдони мина маҷрӯҳ мехобад, чӣ кор мекунед?
   *(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑гузоред!! )*
   Ба кӯмаки ӯ медавам □
   Мегурезам □
   Минаҷӯйро даъват мекунам □
   Ман намедонам □
   Дигар ҷавоб (аниқ кунед)
8. Чӣ сабаби таркиши мина /муҳимоти нотаркида гардид ?
   *(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑гузоред!!)*
   Ба вай даст расондам □
   Ба мина ягон чиз партофтам □
   Оташ □
   Бо пойям зер кардам □
   Симро кашидам □
   Ман намедонам □
   Дигар ҷавоб (аниқ кунед
9. Чӣ тавр шумо аз мина /муҳимоти нотаркида(ММН) эмин шуда метавонед?
   *(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑гузоред! )*
   Ба пайраҳаи маълум/истифодашуда роҳ рафтан □
   Аҳолии маҳалиро оиди ММН пурсидан □
   Аз мнтақаҳои нишонкарда/шӯбҳанок дурӣ ҷӯстан □
   Ман намедонам □
   Дигар ҷавоб (аниқ кунед)
10. Барои чӣ одамон таваккал карда ба манотиқи хатарнок мераванд ?
   *(Ба ҷавоб гуш кунед ва ҷавобҳоро нахонед; дар рости ҷавоби гуянда аломати ☑гузоред!! )*
   Бо мақсади:
   Зироаткорӣ □
   Чарондани чорво □
   Об овардан □
   Ҷамъоварии ҳезум □
   Шикор □
   Сафар кардан □
   Ман намедонам □
   Дигар чавоб (аниқ кунед □

*Дар охири мусоҳиба, ба ҳамсӯҳбат барои вақти ҷудокардааш ва тоқаташ Миннатдорӣ баён кунед.*

**Замимаи 2.**

## Дастур оиди муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ

Инструментҳои зерини тадқиқот табиатан умумианд ва бинобар ин ҳар як инструмент бояд ба муҳити маҳал мутобиқ карда шавад.

## Дастур оиди муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ барои муаллимон

**Барои муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ, ҳадди ақал , ду соат ҷудо намоед.**

Иттилооти умумӣ

Малакаҳои стандартиии ВАО

**Дар оғоз мо оиди роҳҳои гирифтани иттилоот дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат мекунем [матни муайянро ҷойгир намоед].**

***Сарчашмаҳои иттилоот ва хабарҳо оиди мавзӯъҳо ва чорабиниҳо [матни лозимиро ҷойгир намоед ]***

**1.** Сарчашмаҳоиаз ҳама муҳими иттилоот ва хабарҳо оиди мавзӯъҳо ва чорабиниҳо кадомҳоянд?

**Вақте ки сухан дар бораи радио, ТВ ва газетаҳо меравад, саволҳои зерин бояд пурсида шаванд:**

1a. Кадом канали радио?
1b. Кадом канали ТВ?
1c. Кадом газета / журнал?

**MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед:**

2. Ба фикри шумо, кадом усули иттилоотӣ барои огоҳонидани аҳолии калонсол оиди [матни заруриро ҷойгир кунед] аз ҳама самаранок мебошад? Чаро?
3. Кадом усул аз ҳама кам самаранок мебошад? Чаро?
4. Кадом усул барои огоҳонидани кӯдакон аз ҳама самаранок мебошад? Барои кӯдакони сини хурди мактабӣ чӣ? Барои кӯдакони кадом сини мактабӣ ?

***Пайғомҳо***

**Акнун дар бораи он сӯҳбат мекунем, ки шумо шояд фикр кунед, ки дар ВАО имконияти дидану шунидан доштед (ин усулҳоест, ки шумо алакай номбар намудед).**

5. Оё ягон рекламаи радио ва ТВ, барномаҳои тиҷоратӣ ва ё эълонро дар хотир доред, ки диққати шуморо махсусан ба худ ҷалб карда бошад?
6. Ба ғайр аз радио, ТВ ва газетаҳо, оё ягон то аз усули зеринро дар хотир доред:

плакат, варақаҳо, брошура, ва ғ..?

<u>**Минаҳо ва маводҳои нотаркида**</u>

Акнун дар бораи он мавзӯе сӯҳбат мекунем, ки алакай дар борааш каме мухтасар гуфта шудааст, яъне оиди хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида.

***Пайғомҳо оиди минаҳо/муҳимоти нотаркида***

7. Оё боре дар бораи минаҳо/муҳимоти нотаркида чизе шунидаед ва ё дидаед?
8. Чӣ шунидед ва ё дидед?
9. Дар куҷо шунидед ва ё дидед ….?

**MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед:**

10. Оё шумо дар радио ва ТВ , дар газетаҳо, плакатҳо ва варақаҳо оиди хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида чизи шунидагӣ ва ё дидагиатонро дар хотир доред?

**ОАХМ ба тарзи умумӣ**

Акнун дар бораи он сӯҳбат мекунем, ки чӣ тавр ташкилотҳо ва одамони гуногун зери хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида қарор гирифтаанд.

11. Оё шумо ягон барнома, ташрифкунандагон ва ё фаъолиятҳои марбут ба минаҳо/муҳимоти нотаркида алоқамандро медонед ?
12. Худатон дар он шахсан ширкат варзидед? Шумо оиди ин иттилоъ аз ягон шахси иштирокчӣ шунидед ?

Ва дар охир ман мехостам, нуқтаи назари касбии педагогии шуморо оиди арзиши омӯзишӣ, таъсири огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ва таъсири маъракаҳои иттилоотӣ ба аҳолӣ [матни лозимиро ҷойгир намоед ] – бачагон ва калонсолон бипурсам.

13. Ба фикри шумо, кадом усули иттилоотӣ барои огоҳонидани бачагон, ҷавонон [матни заруриро ҷойгир кунед] аз хатари мина аз ҳама самаранок мебошад?
14. Ба фикри шумо чӣ тавр барномаи ОАХМ дар мактабҳо [матни лозимиро ҷойгир намоед ] бояд таъсис/такмил дода шавад ?
15. Кадом намуд омӯзиш/бозомӯзӣ барои муаллимон [матни лозимиро ҷойгир намоед ]барои амалӣ намудани ОАХМ зарур аст ?
16. Волидайнро чӣ тавр дар барномаи огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина ҷалб кардан мумкин аст ?

## Дастурҳо барои муҳокима дар гурӯҳи фокусии бачагон

*Ҳадди ақал , ду соат ҷудо намоед!*

Иттилооти умумӣ

Малакаҳои стандартиии ВАО

**Дар оғоз мо оиди усулҳои гирифтани иттилоот дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат мекунем [матни муайянро ҷойгир намоед].**

***Сарчашмаҳои иттилоот ва хабарҳо оиди мавзӯъҳо ва чорабиниҳо [матни муайянро ҷойгир намоед ]***

**1.** Дар бораи кадом мушкилот ва мавзӯъҳое, ки бачагон аз ҳама зиёд рӯ бу рӯ мешаванд, [матни заруриро ҷойгир кунед ] аз ҳама бештар дар радио, ТВ, газетаю журнал , дар хонаю мактаб иттилоъ дода мешаванд?

**2.** Дар бораи хондан? Саломатӣ ва гигиена? Бозӣ? Мина/муҳимоти нотаркида ? Дигар мавзӯъҳо?

3. Бо кадом роҳ шумо дар бораи руйдодҳо огоҳ мешавед [матни заруриро ҷойгир кунед ]?

**MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед:**

2a. Дар мактаб дар бораи ин мавзӯъ чӣ қадар зиёд мешунавед?

2b. Дар хона чӣ ?

2c. Аз дӯстонатон ва ё дигар бачаҳо чӣ?

2d. Аз плакатҳо ва флипчартҳо чӣ?

2e. Аз брошураҳо, значокҳо, лентаҳои мазҳакавӣ ва ғ. чӣ?

3. Аз ҳамаи усули алакай қайдшуда, гуфта метавонед, ки барои шахсан шумо кадомаш аз ҳама муҳим ва сарчашмаи асосии иттилоот барои мавзӯъҳо ва мушкилот мебошанд [матни заруриро ҷойгир кунед ]?

**Мина / муҳимоти нотаркида**

Акнун дар бораи он мавзӯе, ки аллакай мухтасар дар борааш сухан рафта буд, яъне хатари мина /муҳимоти нотаркида, сӯҳбат мекунем

***Пайғомҳо оиди мина /муҳимоти нотаркида***

4. Оиди хатари мина /муҳимоти нотаркида шумо чиро медонед ?

5. Чӣ шунидед ва ё дидед?

6. Дар куҷо шунидед ва ё дидед ….?

*Пайғомҳо оиди минаҳо/бомбаҳои натаркида*

7. Оё боре дар бораи минаҳо/бомбаҳои нотаркида чизе шунидед ва ё дидед?
8. Чӣ шунидед ва ё дидед?
9. Дар куҷо шунидед ва ё дидед ….?

**MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед:**

6a. Оё шумо дар хотир доред /дидаед ва ё шунидаед чизеро дар радио/ТВ, дар газетаҳо, плакатҳо, брошураҳо оиди хатари минаҳо ва бомбаҳои нотаркида?
6b. Ба ман чизи дидаат/ ва ё шунидаатро нақл карда метавонӣ…..?

Дастур оид ба такмилиҳии огоҳонӣ дар барномаҳои огаҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳо

Акнун ман мехостам, ки мо дар бораи он чӣ, ки шумо оиди минаҳо/бомбаҳои натаркида шунидаед ва ё дидаед,

7. Оё дар минтақаи шумо минаҳо/бомбаҳои натаркида зиёданд ?
8. Оё кассе зарар дидааст ?

Акнун мо дар бораи он, ки шумо дар куҷо ва чӣ тавр оиди хатари минаҳо/бомбаҳои натаркида шунидаед ва ё дидаед, сӯҳбат менамоем.
9. Дар мактаб дар бораи минаҳо чӣ фаҳмиӣ ? Чӣ тавр ?
10. Дар куҷо аз ҳама бештар оиди минаҳо/бомбаҳои натаркида шунидаед? Дар мактаб, аз падару модар, дӯстон, ТВ, брошураҳо, сериалҳо ва ё яглн ҷойи дигар?

## Дастур оиди муҳокимаи гурӯҳи Фокусӣ барои волидайн

Ҳадди ақал , ду соат ҷудо намоед!

Иттилооти умумӣ

Малакаҳои стандартиии ВАО

Дар оғоз мо оиди чӣ тавр гирифтани иттилоот дар бораи мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат мекунем [матни лозимиро ҷойгир намоед ].

**Сарчашмаҳои иттилоотӣ ва ахбор оиди мавзӯъҳо ва рӯйдодҳо дар [матни лозимиро ҷойгир намоед ]**

1. Сарчашмаҳои муҳимтарини иттилоот ва хабарҳо оиди мавзӯъҳо ва рӯйдодҳо кадомҳоянд [матни лозимиро ҷойгир намоед ]?

**MODERATOR: Вақте, ки сухан оиди радио, ТВ ва газетаҳо меравад, пурсидани суолҳои зерин муҳим аст:**

1a. Кадом канали радио?
1b. Кадом канали ТВ?
1c. Кадом газета / журнал?

**MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед::**

2. Ба фикри шумо кадом воситаи пешкаши иттилоот барои ба калонсолон иттилоъ додан аз ҳама самараноктар мебошад [матни лозимиро ҷойгир намоед ]? Барои чӣ?
3. Кадом восита аз ҳама кам самаранок ҳисоб мешавад? Барои чӣ ?
4. Кадом воситаи пешкаши иттилоот ба бачагон аз ҳама самараноктар аст ? Барои бачагони сини хурди мактабӣ чӣ ? Барои бачагони сини калони мактабӣ чӣ ?

**Пайғомҳо**

Акнун мо дар бораи имконияти дар ВАО шунидан ва ё дидан сӯҳбат менамоем (яъне воситаҳои иттилоотие, ки шумо пешкаш намудед).

5. Оё шумо ягон рекламаи радио ва ё ТВ, барномаҳоро ва ё дар газетаҳо эълонеро дидаед, ки диққати шуморо махсусан ба худ ҷалб карда бошад ?
6. Ба ғайр аз радио ва ТВ, газетаҳо, оё ягон плакат, варақаҳо, брошура, ва ғайраро дар хотир доред ….?

**Мина /муҳимоти нотаркида**

**Акнун мо дар бораи мавзӯъе, ки алакай мухтасар дар бораaш сухан рафта буд –хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида, пурратар сӯҳбат менамоем.**

**Пайғомҳо оиди мина /муҳимоти нотаркида**

7.Оё боре дар бораи минаҳо/бомбаҳои нотаркида чизе шунидед ва ё дидед ?
8.Чӣ шунидед ва ё дидед?
9.Дар куҷо шунидед ва ё дидед ….?

MODERATOR: Агар иштирокчиён напурсанд, метавонед ин суолҳоро пурсед:

10. Оё шумо дар радио ва ТВ , дар газетаҳо, плакатҳо ва варақаҳо оиди хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида чизи шунидагӣ ва ё дидагиатонро дар хотир доред?

**Огаҳии умумӣ оиди минаҳо**

**Акнун мо дар бораи фаъолияти ташкилотҳои гуногун ва одамони зери хатари мина/муҳимоти нотаркида қарордошта сӯҳбат мекунем.**
11. Оё шумо дар шаҳр/деҳаатон ягон барнома, меҳмонҳо ва ё фаъолиятҳои ба минаҳо/муҳимоти нотаркида алоқамандро медонед ?
12. Оё шумо шахсан худатон ширкат варзидед? Шумо дар бораи ин хатарҳо аз ягон кас шунидед ?

**Ва ниҳоят, ман мехостам дар бораи бачаҳои шумо сӯҳбат намоям.**

13.Оё бачаҳои шумо аз хатари мина/муҳимоти нотаркида хуб огоҳ ҳастанд ?
14.Бачаҳои шумо аз хатари ин маводҳо чӣ қадар дар мактаб, чӣ андоза аз волидайн ва аз маводҳои айёнӣ омӯхтанд?
15.Шумо бо фарзандонатон чӣ қадар тез — тез дар бораи хатари мина/муҳимоти нотаркида сӯҳбат мекунед? Барои чӣ ?
Оё бачаҳои шумо оиди мина/муҳимоти нотаркида боре ҳам суол додаанд ?
Шумо ба суханҳои онҳо гӯш медиҳед? Оё онҳо ба хона ягон мавод – плакатҳо, брошураҳо, дафтару ручкаҳо, ва ғ. ки дар онҳо иттилоот ва ё пайғом оиди мина /муҳимоти нотаркида сабт гардидааст, меоранд?
16.Оё шумо бовар доред, ки фарзандони шумо ба қадри зарурӣ оиди хатари мина/муҳимоти нотаркида огаҳӣ доранд?

## Замимаи 3. Захираҳои интихобшуда

Муалифони Дастур мехостанд, ки таъсири корҳои хаттии дар зер овардашударо эътироф намоянд:

Адам Г. & Н. Ҳарфорд (1999)
*Радио ва HIV/AIDS: Ворид намудани тағйирот, Дастур барои радио практикантҳо, кормандони тандурустӣ ва донорҳо,* кормандони байналмилалии /СММ AIDS ва ВАО, Женева.МБЖББМ (2002)
*Муошират дар барномаҳои огоҳонӣ,* МБЖББМ, Женева, дар сайти зер дастрас аст: <www.gichd.ch>, ва ё ба Эрик Филиппино, Срадори Бахши иқтисодӣ иҷтимоӣ муроҷиат намоед, МБЖББМ (e.filippino@ gichd.ch).UNICEF (1999)
*Дастур оиди Муошират барои барномаҳои обёрикунӣ ва гигиенаи муҳит,* Дастури техникӣ, силсилаи № 7, Бахши барномаи Хазинаи Кӯдакони СММ, New York, дар сайти зер дастрас аст: <www.unicef.org>. UNICEF & WHO (2000)
*Дастур оиди аз байн бурдани полио ва Routine EPI,* UNICEF, New York, Ноябр, дар сайти зер дастрас аст: <www.unicef.org>. Williams, G. (1989)
*Ҳама чиз барои саломатӣ, Дастур барои далелҳои ҳаётӣ,* UNICEF, New York.

## Дигар сарчашмаҳо

Алмедон А. (1997)
*Тартиботи арзёбии гигиенӣ: Усулҳо барои масоили марбут ба гигиенаи об,* Мактаби гигиенаи Лондон ва тиби тропикӣ, London, UK. De Fossard, E. (1997)
*Барои рушди ҷомеа чӣ тавр сериалҳои радиоӣ навиштан мумкин аст : Дастур барои нависандагони песа,* Маркази барномаҳои муоширатӣ, Мактаби тандурустии омма, Донишгоҳи John Hopkins, U.S. Mody, B. (1991)
*Таҳиякунии пайгомҳо барои Муошират:* Sage Publications, London/Delhi. Nichols, P. (1991)
*Усулҳои тадқиқоти иҷтимоӣ: Дастури саҳроӣ барои кормандони рушд,* Дастур барои рушд, № 6, Oxfam, Oxford, UK.

## Замимаи 4.

## Иқтибосҳо аз Стандартҳои байналмилалии амалиёти зидди минаҳо (СБАМ)

**СТАНДАРТИ 07.11 :** **Дастур оид ба идоракунии ОАХМ**

***ОАХМ чӣ аст?***

Мафҳуми огаҳонии аҳолӣ аз хатари мина (***ОАХМ***) ба фаъолиятҳои омӯзишие алоқаманд аст, ки мақсадаш коҳиш додани хатари ҷароҳатбардорӣ аз мина /муҳимоти нотаркида тавассути огоҳонидан ва тағйир додани рафтор мебошад. Ба ин фаъолиятҳо паҳн намудани иттилоот, омӯзишҳо ва тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд дохил мешаванд .

Мақсади ОАХМ ин таъмин намудани он, ки деҳаҳо аз хатари мина /муҳимоти нотаркида огоҳ бошанд ва ба аҳолӣ ташвиқ намудани усуле, ки хатар ба одамон, моликият ва муҳитро кам мекунад, мебошад. Мақсади ҳамаи ин кам кардани хатар то андозаест, ки одамон дар муҳити бехавф зиндагӣ карда тавонанд ва ҳамчунин рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ озодона ва бехавф аз тарси минаҳои заминӣ сурат гиранд.

ОАХМ фаъолияти алоҳида амалкунанда нест. Вай қисми ҷудонашавандаи банақшанирӣ ва татбиқи барномаи амалиёти зидди минаҳо мебошад. Вай аз се қисм иборат аст : паҳн намудани иттилоот, омӯзишҳо ва тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд . Онҳо ба ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро тақвият медиҳанд.

***Паҳнкунии(ташвиқоти) иттилооти оммавӣ***

***Паҳнкунии иттилооти оммавӣ*** чун қисми ОАХМ ба фаъолиятҳои иттилоотие дахл дорад, ки мақсадаш ҳалокату ҷароҳатро аз минаҳо/муҳимоти нотаркида то ҳадди ақал тавассути зиёд намудани огоҳонии хатар дар байни одамон ва деҳот бо роҳи тағйири рафтор кам мекунад. Ин аввалан шакли якҷонибаи муошират аст, ки тавассути ВАО пахш мешавад.

Дар давраи баъди низоъи таъҷилӣ, бинобар сабаби камии вақт ва набудани иттилооти дақиқ, паҳнкунии иттилоот одатан усули аз ҳама амалии тавассути иттилооти бехавф муошират намудан барои киҳиши хатар мебошад.

***Таълим ва омӯзиш***

Таълим ва омӯзиш ба фаъолиятҳои иттилоотие дахл дорад, ки мақсадаш ҳалокату ҷароҳатро аз минаҳо/муҳимоти нотаркида то ҳадди ақал тавассути зиёд намудани огоҳонии хатар дар байни одамон ва деҳот бо роҳи тағйири рафтор кам мекунад. Таълим ва омӯзиш шакли дуҷонибаи муоширатро талаб мекунад, ки мубодила ва азхудкунии дониш, рафтор ва таҷрибаро тавассути донишдиҳӣ ва

омӯхтан дар бар мегирад. Фаъолиятҳоро мумкин аст дар муҳити расмӣ ва ё ғайрирасмӣ гузаронид.

### *Тамос бо деҳоти бо барномаи АЗМ алоқаманд*

***ТДАЗМ*** ба система ва ҷараёнҳое дохил мешавад, ки барои табодули иттилоот оиди мавҷудияти минаҳо, маводҳои нотаркида ва манъшуда ва хатари ҷиддии онҳо дар байни мақомоти миллӣ, ташкилотҳои марбут ба АЗМ ва деҳот истифода карда мешавад. Вай ба деҳот имконият медиҳад, ки дар бораи фаъолиятҳои безарарсозии минаҳо дар наздикии онҳо огоҳӣ ёбанд ва ба онҳо иҷоза медиҳад, ки мақомоти маҳалӣ ва ташкилотҳои марбут ба АЗМро оиди маҳал, ҳаҷм ва таъсири манотиқи хатарнок хабар диҳанд. ТДАЗМ бояд таъмин намояд, ки лоиҳаҳои АЗМ эҳтиёҷот ва афзалиятҳои деҳотро ҳаллу фасл намоянд.

### *Арзёбии эҳтиёҷот*

Қабл аз татбиқи лоиҳаҳо, вазифаҳо ва фаъолиятҳои ОАХМ, бояд ки арзёбии эҳтиёҷот сурат бигирад (нигаред ба СБАМ 08.50). Дигар намудҳои ҷамъоварии иттилоот низ мавҷуд аст, ба мисли: тадқиқотҳо оиди таъсири минаҳои заминӣ, арзёбии супориш ва Ба нақшагирӣ ва дигар намуди омӯзишҳо, тамоси ҷараёндошта бо деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта. Ҳамаи инҳо қисми фаъоли ҷараёни мушоҳидаро барои таъсисдиҳӣ ва назорати мушкилоти деҳоти зарардидаро ташкил медиҳанд.

Мақсади ҷамъоварии иттилоот ва гузаронидани арзёбии эҳтиёҷот ин муайянкунӣ ва таҳлилкунии хатари минаҳо/муҳимоти нотаркидаи маҳалӣ, баҳодиҳӣ ба иқтидорҳо ва камбизоатии деҳот ва арзёбӣ кардани вариантҳои гузаронидани ОАХМ мебошад. Арзёбии эҳтиёҷот барои қарорҳои дақиқ баровардан оиди мақсадҳо, ҳаҷм ва шакли the натиҷаҳои лоиҳаҳои ОАХМ иттилооти зарурии кофӣ пешкаш менамояд.

### *Ба нақшагирӣ*

Банақшагирии стратегии ОАХМ бояд чун қисми ҷараёни ҳаматарафаи банақшагирии АЗМ гузаронида шавад. Дар деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта, банақшагирии ОАХМ бояд дар якҷояги бо банақшагирии дигар амалиётҳои АЗМ (махсусан безарарсозии минаҳо) гузаронида шавад. Дар сатҳи деҳот, банақшагирӣ метавонад якҷоя бо худи деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта гузаронида шавад.

Мақсади зинаи банақшагирии лоиҳаи махсуси ОАХМ ин муайянкунии роҳҳои самараноки ҳалли эҳтиёҷот аст. Нақша бояд мақсадҳои ҳаматарафаро муайян намояд, нақшаи фаъолиятҳо ва супоришҳои барои ноилшавии ин мақсадҳо алоқамандро таҳия диҳад, чораҳои мувофиқи муваффақиятро муайян намояд ва системаи назорату баҳодиҳӣ таъсис диҳад.

Дастур оиди банақшагирии ташкилотҳои ОАХМ дар СБАМ 12.10 оварда шудааст.

### *Назораткунӣ*

Назораткунӣ ин қисми муҳими сикли лоиҳаи ОАХМ мебошад. Дар якҷоягӣ бо акредитатсия ва баҳодиҳӣ, вай ба сарпарастон эътимоди зарурӣ медиҳад, ки лоиҳаи ОАХМ ба мақсадҳои мувофақашуда саривақт ва бо роҳи мувофиқ ноил шуда истодааст.

Назораткунӣ тибқи қоида як арзёбии имконияти ташкилотҳои ОАХМ (одамон, тартибот, воситаю усулҳо) дар бар мегирад ва чӣ тавр ин иқтидор истифода бурда мешавад.

Назораткунӣ ин раванди идомаёбанда буда, тавассути татбиқи пешкашкунии фикру мулоҳизот ва иттилоот оиди истифода, мувофиқат ва самаранокии воситаю усули ОАХМ гузаронида мешавад.

Дастур оиди Назораткунии ОАХМ дар СБАМ 07.41. оварда шудааст.

***Баҳодиҳӣ***

Барои ОАХМ, мақсади баҳодиҳӣ ин чен кардани азхудкунии дониш, рафтор ва таҷрибаҳо дар байни деҳоти мақсаднок, арзёбии таъсир ва истифодаи воситаю усули мушаххас мебошад ва барои воридсозии тағйирот ба воситаю усулҳо тавсияхо пешкаш мекунад. Дар таҷриба, баҳодиҳии ОАХМ ро одатан ноил шудан мушкил аст, чунки вай шояд муайянкунии алоқа байни сабаб (яъне ҷалбшавии ОАХМ) ва таъсирро (яъне тағйири рафтор) муайян карда наметавонад .

Баҳодиҳӣ одатан дар анҷоми лоиҳа гузаронида мешавад, вале метавонад дар муҳлатҳои мушаххас дар давоми ҷараёни лоиҳа барои арзёбии таъсири воқеии вай ва тасдиқи идомаи вай амалӣ шавад.

Дастур оиди баҳодиҳӣ ба лоиҳаи ОАХМ дар СБАМ 14.20 оварда шудааст.

***Аккредитатсияи ташкилотҳои ОАХМ амалиётҳо***

***Аккредитатсияи ташкилотӣ*** ин чунин ҷараёнест, ки ташкилоти ОАХМ расман чун ташкилоти таҷрибадор эътироф мегардад ва қодир аст фаъолиятҳои ОАХМро самаранок, бехатар ва сифатнок ба нақша гирад ва идора намояд.

***Аккредитатсияи амалӣ*** ин чунин ҷараёнест, ки ташкилоти ОАХМ расман чун ташкилоти таҷрибадор эътироф мегардад ва қодир аст фаъолиятҳои мушаххаси ОАХМро амалӣ намояд.

Дар аксари барномаҳои АЗМ, мақомоти миллии амалиёти зидди минаҳо ограни амаликунандаи аккредитатсия мебошад. Ташкилотҳои байналмилалӣ ба мисли СММ ва оҷонсиҳои минтақавӣ метавонанд аккредитатсияро амалӣ намоянд. Аккредитатсия ба ташкилоти (штабквартираи) дар кишвар буда барои мӯҳлати муайян дода мешавад, асосан барои 2 — 3 сол.

Дастур оиди Аккредитатсияи ташкилотҳои ОАХМ дар СБАМ 07.31 оварда шудааст.

***Принсипҳои ОАХМ***

Мавзӯъҳо ва принсипҳои роҳбаладкунандаи барномаҳои ОАХМ ро ба 8 гурӯҳи ҷудо кардан мумкин аст:

- Ҷалби stakeholder,
- Талаботи ҳамоҳангсозӣ,
- Ҳамгирой,
- ширкати аҳли деҳа ва ваколатдиҳӣ,
- идоракунии иттилоот ва табодул ,
- воситаю усули омӯзишӣ, ва
- шартҳои мувофиқ ва самараноки омӯзиш барои онҳое, ки масъули татбиқи лоиҳаҳои ОАХМ мебошанд.

Ин принсипҳо дар ҳар як стандарти ОАХМи СБАМ баррасӣ мегарданд.

**Стандарти 08.50: Ҷамъоварии иттилоот ва арзёбии эҳтиёҷот барои ОАХМ**

Қисмати муҳими дилхоҳ барнома ва ё лоиҳаи огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо (ОАХМ) ин арзёбии эҳтиёҷот ва таҳияи системаи ҷамъоварии иттилоот аст, ки ба ташкилоти ОАХМ иҷозат медиҳад то банақшагирӣ, татбиқкунӣ, назораткунӣ ва баҳодиҳии фаъолиятҳои ташкилотро амалӣ созад.

Гарчанде ки арзёбии эҳтиёҷот бояд аз қисмати Ба нақшагирӣ ва татбиқкунии барнома ё лоиҳаи ОАХМ пеш амалӣ шавад, лекин вай фаъолияти якмаротибагӣ набуда, балки вазифаи ҷараёндошта барои баррасии эҳтиёҷоти гуногун, камбизоатӣ ва умедҳои деҳоти зарардида мебошад.

**Мақсади арзёбии эҳтиёҷот**

Мақсади арзёбии эҳтиёҷоти ОАХМ ин муайянкунӣ, таҳлилкунӣ ва аз руи афзалият муайянкунии хатарҳои минаҳо/муҳимоти нотаркидаи маҳалӣ, арзёбии иқтидор ва дараҷаи ҳимояти деҳот ва баҳодиҳӣ ба вариантҳои гуногуни гузаронидани ОАХМ мебошад.

Арзёбии эҳтиёҷот бояд ҳам иттилооти мавҷуда ва ҳам иттилооти баъдан пайдошударо сабт намояд. Иттилооти мавҷуда иттилооти ҷамъовардашудаи дар сатҳи деҳаро дар бар мегирад. Иттилооти дуюмдараҷа маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки аз дигар сарчашмаҳо, масалан аз манбаи иттилоотӣ ва дигар сарчашмаҳои институтсионалӣ ва ҳукуматӣ гирифта шудаанд.

**Этикаи ҷамъоварии иттилоот**

Принсипҳои асосии зерин бояд дар тӯли ҷамъоварии иттилоот истифода бурда шаванд :

a) Вақте ки маълумот аз манбаъи дуюмдараҷа дастрас мегардад, манбаъи аслӣ бояд чун соҳиби маълумот ҳисоб гардад;

b) Дар ҳолати додани иттилооти махфӣ, хоҳиши ҷавобдиҳанда

/таъминкунандаи маълумот ҳурмат карда шавад;

c) Интервюгирандагон бояд эҳтиёткор бошанд. Дар давоми ҷамъоварии иттилоот ба аҳолии деҳоти мақсаднок ваъдаи нодуруст надиҳанд, ки фаъолиятҳои АЗМ ба зудӣ оғоз мешаванд;

d) Эҳтиёт шудан даркор, ки деҳаҳоро «аз ҳад зиёд тадқиқот» нагузаронанд, яъне ташриф ба деҳоте, ки дар гузашта аз ҷониби дигар ташкилотҳои амалиёти зидди минаҳо тадқиқот гузаронида шудааст.

e) Интервюгирандагон бояд ба этикаи одитарини гузаронидани мусоҳиба риоя намоянд, ба мисли меҳрубон будан, ҳурматкунӣ ва ақидаи худро маҷбуран бор накардан.

## Ҷамъ кардани иттилооти лозимӣ

Ҷамъоварии иттилоот ва арзёбии эҳтиёҷот барои таҳияи нақша роли асосиро мебозад. Иттилооти ҷамъшаванда бахшҳои зеринро муайян менамояд:

- Гурӯҳҳои мақсаднок (тавассути ҷамъоварии иттилоот ашхоси маҷрӯҳ, зери хатар ва деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта) муайян мегарданд;
- Бахшҳои фаъолият (одамон дар куҷо маҷрӯҳ гардидаанд ва хатар дур куҷо мавҷуд аст ва ғ.);
- Пайғомҳо (ва баъдан) тибқи гурӯҳҳои мақсаднок (тавассути арзёбӣ, майянкунии маҷрӯҳӣ ва тарзи қабули хатар);
- Усулҳо ва методологияҳо эҳтимол ба тағйири рафтор таъсир намоянд;
- Усули муошират ва тарзи муошрати гурӯҳҳои мақсаднок ;
- Ташкилӣ ва ҳамкории институтсионалӣ барои таъмини пайғомҳои ОАХМ ва ҷавобҳои таъҷилӣ ;
- Захираҳои мавҷуда ва ҷудокунии онҳо; ва
- Мӯҳлати лоиҳа (тавассути ҷамъоварии иттилоот оиди характер ва ҳаҷми мушкилоти минаҳо/муҳимоти нотаркида ва мӯҳлати тахминӣ барои бартарафкунии хатари минаҳо).

Арзёбӣ бояд мақсаднок ва беғаразозона бошад. Ҷараёни ҷамъоварии иттилоот ва таҳлилҳо бояд шаффоф бошанд.

## СТАНДАРТИ 12.10: Ба нақшагирӣ барои барномаҳо ва лоиҳаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо

Банақшагирӣ ин усулест, ки ташкилотҳо мехоҳанд барномаҳо ва лоиҳаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаро(ОАХМ) амалӣ намоянд ва усули самараноки кам

кардани хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида ба аҳолии деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта тавассути ташвиқот ва тағйирдиҳии рафтор аст. Аккредитатсияи ташкилоти ОАХМ одатан аз қобилияти санҷидашуда барои банақшагирии самаранок вобаста аст.

**Принсипҳои умумӣ**

Ба нақшагирӣ барои татбиқкунии самаранок ва арзёбии боэҳтиёт ва ҷараёндоштаи эҳтиёҷоти деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта ҳалкунанда аст. Ба нақшагирӣ бояд усули гузаронидани назорат ва баҳодиҳии барнома ва ё лоиҳаҳоро муайян намояд.

Банақшагирии ОАХМ бояд якҷоя бо дастгирии барномаи миллии АЗМ ва нақшаи солона амалӣ гардад ва ё ба рушди онҳо алоқаманд бошад, дар ҳоле ки лоиҳа ва барнома дар ҷараёни таҳиядиҳӣ қарор дорад. Банақшагирӣ бояд ба ташаббусҳои рушди деҳа алоқаманд бошад.

**Ҷараёни банақшагирӣ**

Дилхоҳ ҷараёни ба нақшагирӣ аз таҳияи банақшагирии мақсадҳои умумии барнома ва ё лоиҳа ва баъдан аз гузоштани як қатор мақсадҳо ва фаъолиятҳо барои ноилшавии онҳо иборат аст. Ҳар як фаъолият бояд барои ноилшавии мақсадҳои мушаххас ҳиссагузорӣ менамояд; ва барои ҳар як фаъолияти дар нақшабуда, бояд ҳиссаи (захираҳо) талабшаванда ва интизорӣ фаҳмо қайд ёфта бошад. Нишондиҳандаҳои ченшаванда ва сарчашмаҳо барои тасдиққунӣ бояд таъсис гарданд, то ки дастовардҳои мақсадҳоро арзёбӣ намоянд.

Як усули ба нақшагирӣ ин тавассути истифодаи таҳлили мантиқии чорчӯба аст. Ин усул иҷозат медиҳад, ки презентатсияи фаъолиятҳои банақша гирифташуда ба сарпарастони алоқаманд ба тарзи возеҳу равшан (дар қолаби чорчӯба) пешниҳод гардад.

**Ба нақшагирии ташвиқоти иттилооти оммавӣ**

Ташвиқоти иттилооти оммавӣ истифодаи ВАО ро барои паҳнкунии пайғомҳо ба омма дар бар мегирад. Сатҳи истифода ва шакли истифодаи ВАО дар ҳар кишвар аз ҳам фарқ мекунанд, лекин мақсад бояд шунавандагони мақсаднок ва интихоби аз ҳама усули мувофиқи пешкашкунӣ ба ин шунавандагон бошад.

Барои иҷрои ин кор, фикру ақоиди шунавандагони каналҳои гуногуни радио ва ТВ, миқдори тиражи газетаю журналҳо бояд маълум бошанд ва агар имкон бошад ба мушаххасоти ҷуғрофӣ ва демографиаш. Вақт ва мунтазамии пайғомҳо низ ба назар гирифта шаванд, то ки таъсири максималӣ дошта бошанд.

**Ба нақшагирӣ барои таълим ва омӯзиш**

Ду навъи фаъолиятҳои таълим ва омӯзиш мавҷуд мебошад:

a) Таълим ва омӯзиши мустақим тавассути ташкилоти ОАХМ ; ва
b) Омӯзонидани (тайёркунии) тренерон (ТОТ).

На танҳо ин ду усул мавҷуд аст, балки ташкилотҳо аксар вақтҳо ба самти ТОТ омӯзишҳоро худашон оғоз мекунанд.

Қисмати муҳими ба нақшагирӣ ин ба назаргирии он факт аст, ки оё омӯзишҳо мустақиман гузаронида мешаванд ва ё тавассути шарикон. Агар шакли дуввум интихоб гардад, шарикони мувофиқро ёфтан лозим то, ки пайғомҳо ба гурӯҳҳои мақсаднок самаранок пешкаш карда шаванд. Баъдан, ин бояд вақт ва захираҳоро талаб менамояд, ки тренеронро тайёр ва дастгирӣ намоянд.

**Ба нақшагирӣ барои тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд**

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд ба система ва чараёнҳое дахл дорад, ки барои табодули иттилоот дар байни мақомоти миллӣ, ташкилотҳои ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд ва деҳот оиди мавҷудияти минаҳо/муҳимоти нотаркида ва хатари онҳо ва фаъолиятҳои марбут ба амалиёти зидди минаҳо истифода бурда мешавад. Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд мақсад дорад, ки ҳаллу фасли ҳамаи эҳтиёҷот ва афзалиятҳои деҳот тавассути лоиҳаҳои АЗМро таъмин намояд.

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд метавонад хело пеш аз оғози фаъолиятҳои безарарсозӣ сар шавад ва метавонад ба рушди иқтидори деҳот кӯмак намояд то ки хатарро арзёбӣ намояд, иттилоотро идора намояд ва стратегияҳои кам кардани хатари маҳалро кор карда барояд. Ин ба деҳот имконият медиҳад, ки иттилооти заруриро ҷамъоварӣ намояд, ба сарпарастони дахлдор барояд ва барои АЗМ ва ҳар гуна кӯмакҳо ташвиқот барад.

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд, ки пеш аз ҳар гуна амалиёти безарарсозӣ сурат мегирад, маънои онро дорад, ки фаъолиятҳои ташкилотҳои безарарсозӣ ва ОАХМ дар чунин манотиқи ҷуғрофӣ бояд пурра ба якдигар ба танзим даровaрда шаванд.

**СТАНДАРТИ 12.20: Татбиққунии барномаҳо ва лоиҳаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо**

Татбиққунии самараноки барнома ва ё лоиҳаи ОАХМ бояд тибқи стандартҳои ҷамъоварии иттилоот and арзёбии эҳтиёҷот (нигаред ба СБАМ 08.50) ва ба нақшагирӣ (нигаред ба СБАМ 12.10) сурат бигирад ва ба фикру мулоҳизоти назорат ва баҳодиҳиро ба назар гирад.

Татбиққунии самаранок бояд бо сохторҳои мавҷуда ва мақомотҳои маҳалӣ - яъне ҷалби ашхоси бонуфуз бароимусоидат намудан дар татбиққунии лоиҳа, амалӣ гардад. Яке аз омилҳои асосӣ дар татбиққунӣ ин таъсиси чорчӯбаи танзимдарорӣ бо

дигар шарикон мебошад.

Усулҳои амалисозии ОАХМ вобаста ба намудҳои фаъолият аз ҳам фарқ мекунанд. Баъзе талаботҳои мушаххас барои се қисмати асосии ОАХМ дар зер муҳокима хоҳанд гардид.

**Паҳнкунии иттилооти оммавӣ**

Паҳнкунии иттилооти оммавӣ, чун қисмати ОАХМ шакли яктарафаи муошират аст, ки тавассути ВАО барои кам кардани хатари минаҳо/муҳимоти нотаркида ва огаҳӣ додан ба ашхоси алоҳида ва аҳолии деҳот оиди ин хатар ва тағйири рафтор амалӣ мегардад.

Паҳнкунии иттилооти оммавӣ метавонад лоиҳаҳои «алоҳидаи» ОАХМ бошанд, ки мустақилона ва одатан пеш аз дигар намуд фаъолиятҳои амалиёти зидди минаҳо амалӣ мешаванд. Дар вазъиятҳои таъҷилии баъди низоъ, бинобар сабаби нокифоягии вақт ва мавҷуд набудани иттилооти дақиқ, ташвиқоти иттилооти оммавӣ аксар вақт усули аз ҳама амалии пешкашкунии иттилооти  бехатарӣ оиди хатари минаҳо мебошад. Он метавонад баробар қисми ҳамаҷабҳаи стратегияи коҳишдиҳии хатарро дар барномаи амалиёти зидди минаҳоташкил диҳад ва ОАХМи ба деҳот алоқаманд, фаъолиятҳои безарарсозӣ ва ташвиқот дар ҳамин самтро дастгирӣ намояд.

Илова бар истифодаи ВАО, иттилооти оммавиро мумкин аст ҳамчунин тавассути 'ВАОи хурд', ба мисли плакатҳо ва варақаҳо паҳн карда шаванд. Ин усулро дар манотиқи барои  ВАО дастрасии маҳдуд дошта метавон истифода бурд ва ё кӯмак бар ВАО ҳисобидан мумкин аст. Плакату варақаҳо дар алоҳидагӣ  арзиши кам доранд бинобар ин сабаб онҳоро бояд барои тақвияти ВАО истифода бурд.

**Таълим ва омӯзиш**

Таълим ва омӯзиш ҷараёни дуҷонибаест, ки пешкашкунӣ ва азхудкунии  дониш, муносибат ва таҷрибаро тавассути таълим ва омӯзиш дар бар мегирад.

Фаъолиятҳои таълим ва омӯзиши ОАХМ метавонанд дар мӯҳити расмӣ ва ғайрирасмӣ сурат гиранд. Масалан, ин метавонад муносибати омӯзишии муаллимон бо кӯдакон дар мактаб, омӯзиши волидайн бо кӯдакон дар хона, омӯзиши кӯдак бо кӯдак, омӯзиши дунафара дар ҷойи кор ва мӯҳити дилхӯшкунанда, омӯзиши бехатарӣ аз минаҳо барои кормандон ва  пайғомҳои мунтазами бехатарӣ аз минаҳо барои кормандонро дар бар гирад.

Фаъолиятҳои татбиққунии таълим ва омӯзиш тибқи намуд ва фаъолиятҳои ба нақшагирифташуда фарқ мекунанд. Баъзе  ташкилотҳо омӯзишҳои деҳоти зери хатари минаҳо қарордоштаро мустақиман мегузаронанд ва баъзе дигар агентиҳо бо шарикони иҷроия барои гузаронидани таълим ва омӯзишҳо бо гурӯҳҳои

мақсаднок кор мебаранд. Татбиққунии барномаи (ТОТ) вақти бештарро талаб менамояд, ки бо шарикон, омӯзиш, дастгирӣ ва фаъолиятҳо сарф карда шавад.

**Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд**

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд ба система ва ҷараёнҳое ворид мешаванд, ки барои табодули иттилоот дар байни мақомоти маҳалӣ, ташкилотҳои ба деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд истифода бурда мешаванд. Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд мақсад дорад, ки лоиҳаҳои амалиёти зидди минаҳо эҳтиёҷот ва афзалиятҳои деҳотро ҳаллу фасл намоянд.

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд метавонад фаъолияташро пеш аз оғози амалиётҳои безарарсозии минаҳо шурӯъ намояд ва ба рушди таъсиси иқтидор дар сатҳи деҳа мусоидат намояд, то ки хатарро арзёбӣ намояд, иттилоотро идора кунад ва стратегияҳои камкунии хатари маҳалро таҳия намояд.  Ин ба деҳот кӯмак менамояд, ки иттилооти зарурииро тавассути ҳамкорони мувофиқ ҷамъоварӣ намоянд ва дар самти амалиёти зидди минаҳо тарғибот баранд.

Тамос бо деҳоти ба амалиёти зидди минаҳо алоқаманд, ки пеш аз дилхоҳ амалиётҳои безарарсозӣ сурат мегиранд маънои онро дорад, ки барномаи  ОАХМ ва агентиҳои безарарсозанда, ки дар ҳамон манотиқи ҷуғрофӣ  фаъолият мебаранд,   бояд фаъолиятҳояшонро бо ҳамдигар пурра ҳамоҳанг созанд.

**СТАНДАРТИ 14.20:   Баҳодиҳӣ ба барномаҳо ва лоиҳаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо**

Мақсади баҳодиҳӣ дар бахши АЗМ ин арзёбии барнома буда, муайян намудани он далел аст, ки барнома тибқи нақшаи тартибдодашуда амалӣ шудаанд ё не. Баҳодиҳӣ фикру мулоҳизот ва иттилоотро оиди барнома ва натиҷаҳои лоиҳа пешкаш менамояд ва эҳтиёҷот ва афзалиятҳои ашхоси зери хатари минаҳо қарордоштаро қонеъ менамояд. Баҳодиҳӣ тавсияҳои муҳимро пешкаш мекунад, ки онҳоро барои такмилдиҳии барномаю лоиҳаҳои оянда истифода бурдан мумкин аст.

Баҳодиҳӣ одатан дар интиҳои лоиҳа ва ё анҷоми зинаи муҳими лоиҳа сурат мегирад; назораткунӣ бошад ҷараёни идомаёбандаи фаъолиятҳои лоиҳа дар тӯли сол мебошад.

Баҳодиҳӣ ва назораткунӣ фаъолиятҳои иловагӣ мебошанд, ки бисёр алоқаманд, вале вазифаҳои алоҳида ва муайян доранд. Дар ОАХМ, назораткунӣ ин ҷараёнест, ки тавассути фаъолиятҳои ОАХМ ва натиҷаҳои лоиҳа  тибқи нақша сифаташ таъмин мегардад, дар ҳолате, ки баҳодиҳӣ ба муваффақиятҳои мақсадҳо, таъсири лоиҳа,

ҳисоботдиҳӣ ва таҷрибаи гузашта диққат медиҳад,.

Баҳодиҳиро метавон тавассути худи ташкилоти ОАХМ ва ё оҷонсии берунӣ амалӣ намуд.

Мақсади баҳодиҳӣ метавонад зеринҳо бошад:

a) такмилдиҳии барнома ва ё лоиҳаи санҷидашуда;

b) тавлиди дониш ва омӯзиш барои истифодаи васетар (таҷрибаи омӯхташуда ва имкониятҳои аз дастрафта); ва

c) Натиҷаҳои лоиҳаро шаффоф ва масъул гардонидан

Барои боз ҳам дақиқтар шудан, дар ҳолати ОАХМ, баҳодиҳӣ ба барномаҳо ва лоиҳаҳои огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо бояд дар рости мақсадҳои ҳуҷҷати лоиҳавии аслии ОАХМ ченшаванда бошанд ва метавонанд зеринҳоро дар бар гиранд:

a) Тасвири мунтазамии ҳодисаҳои таркиш;
b) Ченкунии дониш, муносибат, таҷриба, боварӣ, тағйири рафтор, коҳиши хатар ва ҳодисаҳои таркиш дар деҳоте, ки дар онҳо фаъолиятҳои ОАХМ сурат гирифтаанд;
c) Арзёбии таъсири истифодаи усулҳои махсуси ОАХМ; ва муайянкунии дараҷаи ҳалшавии эҳтиёҷот ва интизориҳои ОАХМ дар деҳоти дар нақшабуда тавассути лоиҳа.

Панҷ критерияи зерини баҳодиҳӣ бояд истифода бурда шаванд: муҳимммият, самаранокӣ, маҳорат, таъсирнокӣ ва устуворӣ.

Баҳодиҳӣ асосан эҳтиёҷот ва иттилооти дар ҷараёни ҷамъоварии иттилоот ва арзёбии эҳтиёҷот ба дастомадаро баррасӣ мекунад, мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои дар давраи банақшагирӣ муаяншударо аз нав дида мебарояд ва натиҷаҳои ОАХМро дар ҷараёни назораткунӣ тасдиқ менамояд.

**Масъалаҳои арзёбишаванда**

**Ҷалби мақомоти дахлдори алоқаманд:** Баҳодиҳӣ то кадом дараҷа ҷалбшавии мақомоти дахлдори алоқамандро, яъне — деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта, ташкилотҳои АЗМ, Ҳукуматҳо ва институтҳои ҷомеа, оҷонсиҳои кӯмаккунанда ва гурӯҳҳои дар деҳот мавҷудбударо бояд муайян намояд.

**Ҳамоҳангсозӣ:** Баҳодиҳӣ бояд то кадом дараҷа ҳамоҳангсозии лоиҳаи ОАХМро муайян намояд. Ҳамин тавр, пешкашкунӣ ва ташвиқоти бозёфтҳо ва тавсияҳои лоиҳа бояд хуб ҳамоҳанг сохта шаванд.

**Ҳамгироӣ:** Фаъолиятҳои ОАХМ бояд бо тамоми дигар фаъолиятҳои АЗМ, башардӯстона ва рушд муттаҳид сохта шаванд, то ки натиҷаи мусбӣ дошта бошад.

Баҳодиҳӣ бояд дараҷаи муттаҳидшавии лоиҳаи ОАХМ ро бо тамоми дигар фаъолиятҳо арзёбӣ намояд.

**Ширкати аҳли деҳот ва ваколатдиҳӣ:** Деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта бояд дар ҷараёни баҳодиҳӣ фаъолона ширкат варзад ва фикру мулоҳизоташонро оиди натоиҷи баҳодиҳӣ баён намояд.

**Идоракунии иттилоот ва табодул:** Баҳодиҳӣ бояд сифати иттилооти ҷамъовардашуда, бо кадом усул вай таҳлил гардидааст, истифодаи он ва мувофиқати вай ба лоиҳа, ба нақшагирӣ ва таъсири ченкунии лоиҳа дар зинаҳои гуногунро арзёбӣ намояд. Вай ҳамчунин бояд муайян намояд, ки табодули иттилоот дар байни деҳоти зери хатари минаҳо қарордошта, ташкилотҳои АЗМ оё дар ҷараёни тамос бо деҳоти ба АЗМ алоқаманд самаранок ва бомуваффақият буд.

**Гузоштани мақсади мувофиқ:** Баҳодиҳӣ бояд муайян намояд, ки тавассути лоиҳаи ОАХМ мақсади мувофиқ гузошта шудааст ва ба роҳ монда шудааст. Ва он бояд таъсири лоиҳаро ба гурӯҳҳои мақсаднок муайян намояд. Махсусан, баҳодиҳӣ бояд фикру мулоҳизот ва тавсияҳои гурӯҳҳои мақсаднокро дар бар гирад ва интихоби гурӯҳҳои мақсаднок ва ҷараёни интихобро арзёбӣ намояд.

**Таълимдиҳӣ:** Дар ҳолатҳои имконпазир, баҳодиҳӣ бояд сифати усулҳо ва маводҳои таълимиро баррасӣ намояд. Ин пайғомҳои санҷишӣ, омӯзишҳо ва қисматҳои таълимиро дар бар мегирад.

**Омӯзиш:** Маҳорати кормандони бахши ОАХМ ва самаранокии барномаи омӯзиши кормандон низ имкон дорад, ки чун қисми баҳодиҳӣ арзёбӣ карда шавад. Илова бар ин, ашхоси масъули баҳодиҳанда бояд аз омӯзиши бехатарии минаҳо гузарад.

Маркази байналмилалии Женева оид ба безарарсозии башардӯстонаи минаҳо
7bis, avenue de la Paix
P.O. Box 1300 CH-1211 Женева 1
Шветсария
Tel. (41 22)906 16 60
Fax (41 22)906 16 90
www. gichd.ch
info@ gichd.ch